ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

СТАНДАРТИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ ИХТИСОС

ДУШАНБЕ – 2018

ҚАРОРИ
МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «25» августи соли 2017 №13/1-33 ш. Душанбе

Оид ба тасдиқи Стандарти давлатии таълимии самти 79 01 «Пешгирӣ, ташхис, табобат, офият ва ташкили тандурустӣ» ихтисоси 1-79 01 08 «Фарматсевтӣ»

Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо тасдиқи Стандарти давлатии таълимии ихтисоси 1-79 01 08 «Фарматсевтӣ» баррасӣ намуда,

қарор мекунад:

1. Стандарти давлатии таълимии ихтисоси 1-79 01 08 «Фарматсевтӣ» тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дахлдор вазифадор карда шаванд:
2.1. Дар асоси Стандарти давлатии таълимии ихтисоси мазкур нақшаи таълимии ихтисоси 1-79 01 08 «Фарматсевтӣ»-ро дар мувофиқа бо Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илм таҳия намуда, барои тасдиқ ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;
2.2. Раванди таълимро тибқи талаботи Стандарти давлатии таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисоси 1-79 01 08 «Фарматсевтӣ» ба роҳ монанд.
3. Ба Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ш. Ёрмуҳаммадзода) супориш дода шавад, ки стандарти мазкурро ба миқдори 50 нусха чоп намуда, дастраси муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ гардонад.
4. Раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ (Ф. Ҳайдаров) вазифадор карда шавад, ки иҷрои қарори мазкурро таъмин намояд.
5. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Б.Одиназода вогузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир **Нуриддин Саид**

1. ДОИРАИ АМАЛ

1.1. Стандарти давлатии таълимии ихтисос мачмӯи талаботи ҳатмиро барои татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи ихтисоси омодагии **1-79 01 08 «Фарматсевтӣ»** дар бар мегирад.

1.2. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ тибқи Иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ, ки аз ҷониби Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм дода шудааст, ҳуқуқ дорад.

2. ИХТИСОРОТИ ИСТИФОДАШАВАНДА

ТОК- таҳсилоти олии касбӣ;
БТТОК- барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ:
СУФ - салоҳияти умумифарҳангӣ;
СК- салоҳияти касбӣ;
СУК - салоҳияти умумикасбӣ;
БФГ - бахши фанҳои гуманитарӣ;
БФТРИ - бахши фанҳои табиию риёзӣ ва иқтисодӣ;
БФУ - бахши фанҳои умумикасбӣ;
БФТ - бахши фанҳои таҳассусӣ;
БКҒА – бахши корҳои ғайриаудиторӣ;
СДТОК - стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ.

3. ТАВСИФОТИ РАВИЯИ ОМОДАГӢ

Мухлати меъёрии умумӣ меҳнатталабии азхудкунии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ (дар воҳиди санҷишӣ) ва таҳассус (дараҷа)-и мутобиққунанда дар ҷадвали 1 оварда шудааст:

Ҷадвали 1

Барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ	Таҳассус (дараҷа)		Муҳлати меъёрии азхудкунии барнома	Ҳаҷми меҳнатталабӣ	
	Рамз	Дараҷаи академӣ		кредит	соат
Мутахассис	1-79 01 08	Мутахассис	5 сол	350	8400

Як кредит 24 соат мукаррар карда мешавад. Ҳаҷми меҳнатталабии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ дар шакли таълими рӯзона дар як соли таҳсил баробари 70 кредит мебошад.

Баъд аз худ намудани нақшаву барномаҳои таълимӣ ва гузаштани аттестатсияи хатм ба хатмкунандагон диплом оид ба маълумоти олии тиббӣ аз рӯи ихтисоси «Фарматсевтӣ», тахассуси «Фарматсевт» дода мешавад.

Хатмкунанда метавонад дар муассисаҳои фарматсевтӣ фаъолият намояд.

4. ТАВСИФОТИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ

4.1. Соҳаи фаъолияти касбии хатмкунанда муассисаҳои кимиёвӣ-фарматсевтиро дар бар мегирад.

4.2. Объектҳои фаъолияти касбии хатмкунандагон аз рӯи ихтисоси «Фарматсевтӣ» инҳо мебошанд:

- маводи доруворӣ;

- шахсони физикӣ ва ҳуқуқӣ;
- аҳолӣ.

4.3. Хатмкунанда аз рӯи ихтисоси «Фарматсевтӣ» бояд ба чунин намуди фаъолияти касбӣ омода бошад:

- фарматсевтӣ,
- тиббӣ;
- ташкили идоракунӣ;
- илмӣ-тадқиқотӣ.

Намудҳои мушаххаси фаъолияти касбиро, ки хатмкунанда ба он омода мегардад, муассисаи таҳсилоти олии касбӣ якҷоя бо донишҷӯён, ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва иттиҳодияҳои корфармоён муайян менамоянд.

4.4. Хатмкунандаи ихтисоси «Фарматсевтӣ» барои ҳалли вазифаҳои касбии зерин бояд тайёр бошад:

фаъолияти фарматсевтӣ:

- истеҳсол ва тайёр намудани маводи доруворӣ;
- ба амалбарории маводи доруворӣ;
- таъмин намудани шароити нигоҳдорӣ ва ҳамлу нақли маводи доруворӣ;
- иштирок ҳангоми гузаронидани муолиҷа вобаста ба маводи доруворӣ;
- иштирок дар назорати сифати маводи доруворӣ;
- таъминоти маълумотдиҳӣ оид ба маводи дорутӣ дар чорчубаи қонунгузории амаликунандаи барқароршуда,
- гузаронидани корҳои санитарӣ-маърифатнокӣ бо аҳолӣ;
- ташаккули фаҳмиши шахс ба нигоҳдории тандурустӣ;

фаъолияти тиббӣ:

- расонидани ёрии аввалия дар голори савдо ҳангоми таъхирнопазир будани ҳолати муштариён то омадани ёрии таъчилӣ;
- ширкат дар расонидани ёрӣ ба аҳолӣ ҳангоми ҳолатҳои фавкулодда дар марҳилаҳои эвакуатсияи тиббӣ, аз ҷумла дар ташкилотҳои таъминкунии маводи доруворӣ ва маҳсулоти тиббӣ;
- коргузории тиббӣ дар муассисаҳои тиббӣ;

фаъолияти ташкилӣ-идоракунӣ:

- иштирок дар истеҳсол ва тайёр намудани маводи доруворӣ;
- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, аз истеъмол хориҷ ва нест кардани маводи доруворӣ;
- иштирок дар ташкилот ва назорати фаъолияти ташкилот, машғулиятҳо дар доираи мубодилаи маводи доруворӣ ва қисмҳои таркибии онҳо;
- дохил намудани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ ба ташкилоти фарматсевтӣ;
- риояи талаботи асосии бехатарии иттилоотӣ;

фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ:

- омӯзиши пайвастаи адабиёти даврии тиббӣ (касбӣ) ва тадқиқоти расмии омории соҳаи фарматсевтӣ;
- гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, тиббӣ-сотсиологӣ дар байни аҳолӣ таҳлил ва нашри натиҷаҳои бадастомада.

5. ТАЛАБОТ БА НАТИҶАҲОИ АЗХУДКУНИИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ «ФАРМАТСЕВТӢ»

5.1. Дар натиҷаи азхудкунии барномаҳои таҳассусӣ хатмкунандагон бояд салоҳияти умумифарҳангӣ, умумикасбӣ ва касбиро ҳосил намоянд.

5.2. Хатмкунанда бояд салоҳиятҳои умумифарҳангии зеринро дошта бошад:

- такмили ҷаҳонбинӣ, проблемаҳои фалсафии аҳамияти иҷтимоӣ ва шахсидошта, малакаи худтакмилдиҳӣ, омӯзиши доимӣ;
- таҳлили чорабиниҳои сиёсӣ ва равандҳои муҳим, омода будан барои иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, азбар намудани мафҳумҳои асосӣ ва қонуниятҳои раванди таърихии ҷаҳонӣ, қонунҳое, ки муносибати эҳтиромона ва эҳтиёткорона ба анъанаю мероси таърихиро тақозо менамоянд, баҳодиҳии сиёсати давлат, донистани истилоҳоти таърихию-тиббӣ;
- дорои қобилияти таҳлили мантиқӣ, иштирок дар мубоҳисаҳо, ба роҳ мондани фаъолияти тарбиявӣ ва педагогӣ, муҳокимаҳо барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ, ҳамкорӣ ва таҳаммул;
- донистани забони давлатӣ, забони русӣ, инчунин яке аз забонҳои хориҷӣ дар сатҳи муоширати ҳаррӯза, малакаи хаттӣ ва шифоҳӣ;
- ба роҳ мондани фаъолияти худ бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ қабул шудаанд, риояи қоидаҳои этикаи касбӣ, қонуну санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба маълумоти махфӣ, нигоҳ доштани сирри касбӣ.

Пас аз хатми омӯзиши фанҳои гуманитарӣ таълимгиранда бояд

ДОНАД:

- тарзу усулҳои таҳлили мушкилоти фалсафӣ; шакл ва усулҳои дониши илмӣ ва эволютсияи онҳо;
- қонуниятҳои асосӣ ва равандҳои инкишофи таърихии ҷаҳонӣ; марҳилаҳои муҳимтарин дар таърихи Тоҷикистон, ҷой ва нақши Тоҷикистон дар таърихи инсоният ва дар ҷаҳони имрӯза;
- шахсиятҳои маъруфи соҳаи тандурустӣ ва тиб, муҳимтарин кашфиёти тиббӣ, таъсири гояҳои гуманистӣ ба тиб ;
- забони давлатӣ дар сатҳи баланди касбӣ;
- асосҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои асосии меъёрию ҳуқуқии ҳифзи саломатии кӯдакон, занон ва калонсолон;
- меъёрҳои ахлоқию этикӣ, қоидаҳо ва принсипҳои муоширати касбии фарматсевт, ҳуқуқҳои патсиент ва табиб, ҳуччатҳои асосии этикӣ, ассотсиатсия ва ташкилотҳои ватанию байналмилалии касбӣ;
- принсипҳои ахлоқии муносибатҳои "табиб-бемор», «табиб - падару модар ва хешу табор», «табиб-ҳамкор»;
- принсипҳои деонтологияи табибӣ ва ахлоқи тиббӣ;
- нақши иҷтимоии тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули шахсият ва омодагӣ ба фаъолияти касбӣ;
- принсипҳои тарзи ҳаёти солим.

ТАВОНАД:

- таҳлил ва баҳодиҳии вазъи иҷтимоӣ ва ба роҳ мондани фаъолияти худ бо назардошти натиҷаҳои таҳлил;
- таҳияи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда дар бораи меҳнат, махсусан барои занон ва кӯдакон пешбинишуда, қабули меъёрҳои кодекси меҳнат дар ҳолатҳои мушаххас;
- ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандии табибон ва беморони синнусоли гуногун;
- ба роҳ мондани муносибати самимона бо ҳамкорон;
- маҳорати суханварӣ, баён кардани андешаҳои худ, иштирок дар мубоҳисаҳо ва мизҳои мудаввар;
- баён карда тавонистани андешаҳои худ, таҳлил ва тафаккури матнӣ, суханварӣ, далелнокии ахлоқию этикӣ принсипҳои деонтологияи табибӣ ва этикаи тиббӣ;
- донистани забони хориҷӣ.

Пас аз хатми омӯзиши фанҳои табиию риёзӣ ва иқтисодӣ таълимгиранда бояд

ДОНАД:

- асосҳои назариявии информатика, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, чустучӯ, таҳлил, тағйирдиҳӣ, паҳн кардани маълумот дар системаҳои чустучӯии тиббӣ ва биологӣ, истифодаи системаҳои иттилоотӣ ва компютерӣ, дар соҳаи тиб ва тандурустӣ;
- қоидаҳои бехатарии техникӣ ва кор дар озмоишгоҳҳои физикӣ, кимиёвӣ ва биологӣ бо реактивҳо, асбобҳои дигар;
- хосиятҳои об ва маҳлулҳо;
- роҳҳои ифодаи консентратсияи моддаҳо дар маҳлулҳо, усулҳои тайёр намудани маҳлулҳо мувофиқи нишондод;
- намудҳои пайвастагиҳои кимиёвӣ;
- мувозинати электролитии организми инсон;
- сохтор ва хосиятҳои химиявии гурӯҳҳои асосии биологии пайвастагиҳои муҳими органикӣ;
- ҷанбаҳои геополитикӣ ва тақсимоти маъмурию-иҷтимоӣ ҳудудӣ дар кишвар;
- иттилоот оид ба захираҳои обӣ;
- намудҳои саноат, таърихи ташкили саноат ва хоҷагии деҳот;

ТАВОНАД:

- истифодаи мақсадноки адабиёти таълимӣ, илмӣ, илмӣ-оммавӣ, шабакаи интернетӣ;
- истифодаи таҷҳизоти физикӣ, кимиёвӣ ва биологӣ;
- маҳорати кор бо таҷҳизоти оптикӣ (заррабин, пурбин);
- гузаронидани таҳлили омории маълумоти экспериментали,
- таснифи кимиёвӣ дар асоси формулаҳои сохторӣ;
- заминаи дигаргунсозии маълумот: матнӣ, редакторҳои нақшавӣ, чустучӯ дар шабакаи интернетӣ.

5.3. Хатмкунанда бояд салоҳиятҳои умумикасбии зеринро дошта бошад:

- ҳалли вазифаҳои фаъолияти касбӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, захираҳои библиографӣ ва бо назардошти талаботи асосии бехатарии иттилоотӣ;

- тайёрӣ ба коммуникатсия дар шаклҳои шифоҳӣ ва хаттӣ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ барои ҳалли масъалаҳои фаъолияти касбӣ;
- истифодаи асосҳои дониши иктисодӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолияти касбӣ;
- тавонистани амалисозии принсипҳои этикӣ ва деонтологӣ дар фаъолияти касбӣ;
- таҳлили натиҷаҳои фаъолияти худ барои пешгирӣ аз хатогиҳои касбӣ;
- ҳосил намудани малакаҳои ҳуҷҷатгузорӣ бо назардошти соҳаи истеҳсол ва мубодилаи маводи дорӯгӣ;
- истифодаи мафҳумҳои асосии физикӣ-кимиёвӣ, риёзӣ ва табиӣ дар ҳалли масъалаҳои касбӣ;
- баҳодиҳии ҳолати морфофункционалӣ, физиологӣ ва равандҳои патологии организми инсон ҳангоми ҳалли масъалаҳои касбӣ;
- қабули таҷҳизоти махсус ва маснуоти тиббие, ки барои истифодаи соҳаҳои касбӣ пешбинӣ шудааст.

Пас аз хатми омӯзиши фанҳои бахши умумикасбӣ таълимгиранда бояд

ДОНАД:

- истилоҳоти асосии тиббӣ ва фарматсевтӣ бо забони лотинӣ;
- усулҳои математикии ҳалли масъалаҳои интеллектуалӣ ва истифодаи онҳо дар соҳаи тиб;
- қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва корҳо дар озмоишгоҳҳои физикӣ, химиявӣ, биологӣ бо реактивҳо, асбобҳо ва ҳайвонҳо;
- роҳҳои асосии метаболикии мубодилаи карбогидратҳо, липидҳо, аминокислотаҳо, асосҳои пуринӣ ва пиримидӣ, нақши мебранаҳои ҳуҷайра ва низоми интиқолии дар мубодилаи моддаҳо;
- сохтор ва функсияҳои пайвастагиҳои нисбатан муҳими кимиёвӣ (кислотаҳои нуклеинӣ, сафедаҳои табиӣ, витаминҳои дар равған ҳалшаванда);
- нақши мембранаҳои ҳуҷайра ва низомҳои интиқолии онҳо дар мубодилаи моддаҳо дар организм;
- қонуниятҳои умумии ба вуҷуд омадан ва инкишофи хаёт; антропогенез ва онтогенези одам;
- хусусиятҳои анатомӣ-физиологӣ, синнусолӣ-ҷинсӣ ва инфиродии сохтор ва инкишофи организми одам дар меъёр ва зимни патология;
- низомҳои функсионалии организм, танзим ва худанзимшавии онҳо ҳангоми таъсири муҳити атроф дар меъёр ва зимни равандҳои патологӣ;
- этиология, патогенез, морфогенез, патоморфози беморӣ дар кӯдак, наврас ва калонсол, принсипҳои таснифи бемориҳо: фаҳмишҳои асосии нозологияи умумӣ;
- қонуниятҳои асосии инкишоф ва қобилияти ҳаётии организм дар асоси ташаккули сохтории ҳуҷайраҳо, бофтаҳо ва узвҳо;
- индикатсия ва идентификатсияи бактерияҳо, вирусҳо ва дигар микробҳои патогенӣ;
- асосҳои тибби профилактикӣ, ташкили чорабиниҳои профилактикӣ, ки ба устуворгардонии саломатии аҳолӣ равона шудаанд;
- асосҳои деонтология ва психологияи тиббӣ, муносибатҳои дутарафаи табиб ва дорусоз ва истеъмолкунандаи маводи дорӯгӣ ва дигар молҳои фарматсевтӣ, зимни расондани ёрии аввалини тиббӣ ва муроқибати беморону ҷароҳатдидагон ҳангоми вазъиятҳои фавқулодда;
- қонуниятҳои умумии фармакокинетика ва фармакодинамики маводи дорӯгӣ, намудҳои таъсири дутарафаи маводи дорӯгӣ ва намудҳои номувофиқатии дорувориӣ;
- хусусиятҳои фармакокинетика ва фармакодинамикаи маводи дорӯгӣ дар шахсони солим ва ҳангоми патология, хусусиятҳои фармакотерапия дар навзодон, пиронсолон ва занҳои ҳомила;
- мансубияти маводи дорӯгӣ ба гурӯҳҳои муайяни фармакологӣ, фармакодинамика ва фармакокинетикаи маводи дорӯгӣ, таъсири нисбатан муҳими иловагӣ ва токсикӣ, нишондодҳо ва ғайринишондодҳои асосии истифодабарӣ;
- вояҳои дорухо бо назардошти хусусияти беморӣ, хронобиология ва хронофармакология, хусусиятҳои фармакогенетикии муолиҷаи дорувориӣ;
- принсипҳои тарзи фармакологӣ ба интихоби гурӯҳҳои маводи дорӯгӣ барои фармакотерапияи бемориҳои асосӣ;
- этиология ва патогенези бемориҳои нисбатан паҳншуда;
- алгоритми амалҳо дар ҷойи воқеа ҳангоми ҳодисаи нохуш, пайдошавии бемории шадид ва вазъияти фавқулодда;
- усулҳо, воситаҳои муосир, тарзҳои гузарондани чорабиниҳои муолиҷавӣ ҳангоми расондани ёрии аввалини тиббӣ ба беморон ва ҷароҳатдидагон;
- тарзҳо ва воситаҳои муосири ҳифзи аҳолӣ, беморон, ҳайати табибон, инчунин асбобу анҷоми тиббии муассисаҳои тиббӣ аз омилҳои яроқи зарраасони оммавӣ, фалокатҳои табиӣ ва техногенӣ;
- асосҳои ташкил ва гузарондани чорабиниҳои санитарӣ-зиддиэпидемикӣ дар замони ҷанг ва зимни ҳолатҳои фавқулоддаи замони осоишта;
- хусусиятҳои таъминоти тиббӣ ва дорувории аҳолӣ ҳангоми вазъиятҳои фавқулодда;
- тавсифи муосири моддаҳои токсикӣ-химиявӣ, маводи биологӣ, моддаҳои радиоактивӣ;
- стандартҳо ва алгоритмҳои муосири ёрии тодухтурӣ ҳангоми осеббинӣ аз моддаҳои токсикӣ- кимиёвӣ;
- талаботи муосир ба тарҳкашии реҷаи санитарӣ-гигиенӣ ва зиддиэпидемикии дорухонаҳо.

ТАВОНАД:

- истифода кардани адабиёти дарсӣ, илмӣ, илмӣ - оммавӣ, шабакаи интернетӣ барои фаъолияти касбӣ;
- гузарондани коркарди оддии омории маълумоти экспериментӣ;
- ташхиси барангезандаҳои бемориҳои паразитарии одам дар препарат, слайд, акс;
- гузарондани ташхиси микробиологӣ;
- доштани малакаҳои хондан ва навиштани истилоҳоти клиникию фарматсевтӣ ва дастурамалҳо ба забони лотинӣ;
- малакаҳои муайянкунии баҳодиҳии экологии ҳавои майдони корӣ, обҳои норавон, хокҳои муассисаҳои кимиёвӣ-фарматсевтӣ;

- малакаҳои коркарди чорабиниҳои профилактикаи ифлосии майдони корӣ, обҳои поравон, хокҳои муассисаҳои фармасевтӣ;
- гузарондани таҳлили нишондод ва ғайринишондодҳои гурӯҳҳои гуногуни маводи доругӣ дар асоси донишҳои этиологӣ ва патогенези беморихои нисбатан паҳншуда;
- малакаҳои муайянкунии ‘миқдори аминокислотаҳо, сафедаҳо, чарбуҳо, канд, стеролҳо, ки дар таҳлили фармасевтӣ ва ташхиси беморӣ истифода мешаванд.

5.4. Хатмкунанда бояд салоҳиятнокии зерини касбиро дошта бошад:

фаъолияти фармасевтӣ:

- таъмин намудани назорати сифати маводи доругӣ дар шароити ташкилотҳои фармасевтӣ;
- гузаронидани экспертизаҳо бо дарназардошти бақайдгирии давлатии маводи доругӣ;
- ҷорӣ намудани равандҳои технологӣ ҳангоми истеҳсол ва омодасозии маводи доругӣ;
- ҷорӣ намудани ба амалбарории маводи доругӣ дар мувофиқа бо қоидаҳои фуруши яклухт, танзими фурӯши гуногун ва тартиботи муқаррар намудаи қонунбарории интиқоли маводи доругӣ;
- ташкилоти тайёр намудани ашёи хоми растанихои доругӣ бо ҳисоби истифодаи захираҳои ратсионалии растаниҳои доругӣ;
- таъминоти нигоҳдории маводи доругӣ;
- ҷорӣ намудани ҳамлу нақли маводи доругӣ;
- саривакт ошкор кардани маводи доругии сифати хуб надошта;
- иштирок дар даровардани маводи доругӣ ва баровардани онҳо;
- гузаронидани экспертизаи маводи доругӣ бо ёрии усулҳои кимиёвӣ, биологӣ, физикӣ-кимиёвӣ ва бо дигар усулҳо;
- иштирок дар экспертизаҳо, бо дарназардошти маводи доругӣ ҳангоми бақайдгирии давлатӣ;
- гузаронидани назорати сифати маводи доругӣ дар шароити ташкилотҳои фармасевтӣ;
- додани ёрии машваратӣ ба кормандони соҳаи тиб ва истеъмолкунандагони маводи доругӣ дар мувофиқа бо дастури истеъмоли маводи доругӣ;
- гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба тарзи дурусти ҳаёти солим ва бехатарии фаъолияти ҳаётӣ;

фаъолияти ташкилӣ-идоракунӣ:

- қабули усулҳои асосии идоракунии соҳаи фармасевтӣ, ҳамчунин дар ташкилотҳои фармасевтӣ ва қисмҳои таркибии онҳо;
- иштирок дар фаъолияти фармасевтии ташкилот;
- иштирок дар тайёр намудани ашёи хоми растанихои доругӣ бо ҳисоби истифодаи захираҳои ратсионалии растаниҳои доругӣ;
- иштирок дар ташкилоти назорати сифати маводи доругӣ дар шароити ташкилотҳои фармасевтӣ;
- гузаронидани тартиботи бартараф намудани маводи доругии қалбакӣ, пастсифат ва ҳудсоз ва аз муомилоти шаҳрвандон нест кардани онҳо;
- таъмин намудани фаъолияти фармасевтии ташкилоти ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;

фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ:

- омӯзиш ва баҳодиҳии иттилооти илмии тиббӣ, ватанӣ ва хориҷӣ;
- азхудкунии усулҳои тадқиқоти муосири илмӣ ба назардошти натиҷаҳои меъёрҳои ахлоқӣ ва татбиқ намудан дар амалия;
- иштирок дар азхудкунии усулҳои нав, усулҳои коркарди истеҳсол ва муодилаи маводи доругӣ.

Хатмкунанда бояд дорои хислатҳои шахсӣ ва малакаҳои зерин бошад:

- дарки масъулияте, ки фаъолияти касбии фармасевт ба риояи принсипҳои ахлоқию этикӣ ва ҳуқуқӣ асос ёфтааст; ба роҳ мондани фаъолият дар асоси арзишҳои касбӣ, аз ҷумла маҳорат, интизом, ҳамкории бегаразона, дилсӯзӣ, ҳамдардӣ, масъулият, ростқавлӣ, маҳфӣ нигоҳ доштани сири касбӣ;
- ташаккул додани муносибатҳои мутақобилаи мусбат ва эҳтироми нуқтаи назари ҳамкорон;
- омодагӣ барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои худ дар давоми фаъолияти касбӣ дар асоси дастовардҳои нави илмӣ.

Пас аз омӯзиши фанҳои тахассусӣ таълимгиранда бояд дорои малакаҳои зерин бошад:

- ҳуҷҷатнигории меъёрие, ки истеҳсол ва сифати дорухоро дар дорухонаҳо ва дар корхонаҳои фармасевтӣ мураттаб месозад; талаботи асосӣ ба шаклҳои доругӣ ва нишондиҳандаҳои сифати онҳо;
- номгӯйи маводи истеҳсоли саноатӣ;
- номгӯйи моддаҳои муосири ёридиҳанда, хосияти онҳо, таъинот;
- истилоҳоти асосӣ ва мафҳумҳои технологияи биологӣ;
- технологияи шаклҳои доругие, ки дар шароити истеҳсолоти фармасевтӣ тайёр карда шудаанд: хокаҳо, маҷмӯи гиёҳҳо, ғурӯшаҳо, ғилофакҳо, ғурӯшаҳои хурд, ҳабҳо, маҳлулҳои обӣ барои истифодаи дарунӣ ва молиданӣ, маҳлулҳои часпак ва бухоршаванда, шарбатҳо, обҳои хушбӯй, қиёмҳо, чавҳарҳо, шаклҳои дорухо барои чашм, маҳлулҳо барои тазриққо ва инфузияҳо, суспензияҳо барои истифодаи энтералӣ ва парентералӣ, эмулсияҳо, марҳамҳо, суппозиторияҳо, пластирҳо, қаламҳо, пленкаҳо, аэрозолҳо;
- моҳият ва тарзҳои тайёр кардани шаклҳои доругӣ, тарзҳои расондани мол;
- технологияи тайёр кардани дорухо дар шароити дорухонаҳо;
- сохт ва моҳиятҳои кори таҷҳизоти муосири озмоишгоҳӣ ва истеҳсолӣ;
- тамоюлҳои асосии инкишофи технологияи фармасевтӣ, самтҳои нав дар ташаккули шаклҳои муосири доруворӣ ва низомҳои терапевтӣ;
- усулҳои муосири биотехнологии тайёр кардани дорухо: инженерияи генетикӣ, инженерияи сафедавӣ, инженерияи хромосомӣ, инженерияи ҳуҷайравӣ;
- равандҳои муҳимтарини технологии коркарди маҳсулоти растанигию ҳайвонотӣ ва истеҳсоли масолеҳи фармасевтӣ;
- технологияи истеҳсоли дорухои ба фаъолияти ҳаётии микроорганизмҳо асосёфта;
- тавсифи базаи маҳсулоти растаниҳои доругӣ;
- низоми таснифоти маҳсулоти растаниҳои доругӣ (кимиёвӣ, фармакологӣ, ботаникӣ, морфологӣ);

- номгӯйи маҳсулоти растанихои доругӣ ва дорухои аслашон растанигӣ ва ҳайвонотӣ, ки барои истифода дар амалияи тиббӣ иҷозат дода шудаанд; маълумоти асосӣ оид ба паҳнкунии растанихои доругие, ки дар амалияи тиббӣ истифода мешаванд;
- усулҳои таҳлилҳои макроскопӣ ва микроскопии маҳсулоти доругии яклухт ва майда кардашуда;
- аломатҳои ташхисии морфологӣ-анатомии маҳсулоти растанихои доругӣ, ки ба истифода дар амалияи тиббӣ иҷозат дода шудаанд, омехтахои имконпазир;
- гурӯҳҳои асосии пайвастагихои биологӣ, фаъоли табиӣ ва хусусиятҳои мухимтарини физикӣ-кимиёвӣ, роҳҳои биосинтези гурӯҳҳои асосии моддаҳои биологӣ фаъол;
- усулҳои чудокунӣ ва тозакунии моддаҳои асосии биологӣ фаъол аз маҳсулоти растанихои доругӣ;
- усулҳои асосии муайянкунии сифат ва миқдори моддаҳои биологӣ фаъол дар маҳсулоти растанихои доругӣ, стандартизацияи биологии маҳсулоти растанихои доругӣ;
- талабот ба борпеч, тамғазанӣ, молкашонӣ ва нигоҳдории маҳсулоти растанихои доругӣ мутобиқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ;
- роҳҳо ва шаклҳои асосии истифодаи маҳсулоти растанихои доругӣ дар амалияи фармасевтӣ ва дар истеҳсолоти саноатӣ;
- маълумоти асосӣ оиди истифодаи дорухои аслашон растанигӣ ва ҳайвонотӣ дар амалияи тиббӣ;
- усулҳои умумии баҳодиҳии сифати дорухо, имконпазирии истифодаи ҳар як усул вобаста ба тарзи тайёркунии дорухо, маҳсулоти аввалӣ, сохтори моддаҳои доругӣ, равандҳои физикӣ-кимиёвӣ, ки метавонанд ҳангоми нигоҳдорӣ ва ва мубодилаи дорухо ба вуқӯъ оянд;
- омилҳое, ки ба сифати дорухо дар тамоми ин давраҳои мубодила таъсир мерасонанд;
- усулҳои химиявии таҳлили сифати дорухо, фрагментҳои асосии сохтори моддаҳои доругӣ, ки аз рӯи онҳо идентификатсияи моддаҳои доругии ғайриорганикӣ ва органикӣ ичро карда мешавад, реаксияҳои умумӣ ва реаксияҳои хос ба катионҳо, анионҳо ва гурӯҳҳои функсионалии алоҳида;
- усулҳои химиявии таҳлили миқдории дорухо; муодилаи реаксияҳои химиявии ҳангоми титрронии кислотадори асосӣ, оксидкунанда баркароркунанда, таҳшинкунанда, мачмӯй нометрикӣ;
- мохиятҳои усулҳои физикӣ-химиявии таҳлили дорухо;
- тачҳизот ва реактивҳо барои гузарондани таҳлили кимиёвии дорухо, талабот ба реактивҳо барои гузарондани озмоишҳои муайянкунии тозагӣ, аслият ва миқдор; тачҳизот ва реактивҳо барои гузарондани таҳлили физикӣ-кимиёвии моддаҳои доругӣ; накшаи принсипиалии рефрактометр, хроматографияи газу моеъ, хроматографияи пурсамараи моеӣ;
- сохтори ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки сифати дорухо, хусусиятҳои сохтори маколаи фармакопеӣ ва маколаи фармакопейии муассисаро мураттаб месозад;

- хусусиятҳои таҳлили шаклҳои алоҳидаи доругӣ; фаҳмиши тачзия, ҳалшавӣ, устуворӣ, хусусиятҳои тахлили шаклҳои мулоими доругӣ;
- константҳои физикӣ- кимиёвии моддаҳои доругӣ, тарзҳои муайян кардани ҳарорати гудозиш, кунчи гардиш, нишондиҳандаи нисбии (холиси) чаббиш, ҳарорати чӯшиш;
- фаҳмиши валидатсия, тавсифҳои валидатсионии усулҳои таҳлили сифат ва миқдор;
- самтҳои асосии инкишофи таҳлили кимиёвӣ-токсикологӣ ва фаъолияти озмоишгоҳҳои кимиёвӣ-токсикологӣ, марказҳои муолиҷаи заҳролудшавӣ, бюрои экспертизаи судӣ-тиббӣ, диспансерҳои наркологӣ;
- мохиятҳои таъмини сифати ташхиси аналитикӣ ва экспертизаи судӣ;
- қонунҳои асосии тақсимот ва мубаддалшавии моддаҳои токсикӣ дар организми одам (токсикокинетика, токсикодинамика), тавсифи умумии таъсири токсикӣ;
- таснифи маводи наркотикӣ, психотропӣ ва ғайра ва тавсифҳои физикӣ-кимиёвӣ;
- фаҳмиш оид ба арзиши истеъмолкунанда, хусусиятҳои истеъмолкунандагии молҳои фарматсевтӣ ва техникаи тиббӣ ва омилҳои ба он таъсиррасонанда;
- таснифи ва бо рамз ифода кардани молҳои тиббӣ ва фарматсевтӣ;
- усулҳои таҳлили навъҳои мол (ассортимент);
- талабот ба тамғазанӣ, борпеч ва нигоҳдории молҳои фарматсевтӣ ва техникаи тиббӣ;
- методология ва усули гузарондани таҳлили молшиносӣ ва баҳодиҳии бехатарии молҳои тиббӣ ва фарматсевтӣ;
- асосҳои қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ҳифзи саломатии шаҳрвандон ва таъмини бехбуди санитарӣ-эпидемиологӣ дар мамлакат, протседураҳои ҳуқуқшиносӣ, қонунбарорӣ ва маъмурӣ ва стратегияи дахлдори тамоми ҷанбаҳои фаъолияти фарматсевтӣ;
- асосҳои ташкили ёрии фарматсевтӣ ба гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ;
- асосҳои ташкили таъмини дорувории беморони амбулаторӣ ва статсионарӣ бо маводи доругӣ аз рӯи тамоми нарх, ичунин ба шаҳрвандоне, ки ҳуқуқи ёрии ичтимоӣ доранд;
- асосҳои идоракунии коллективи меҳнатӣ;
- ҳуҷҷатгузории муассисаҳои фарматсевтии савдои чакана ва савдои яклухт;
- қоидаи гузарондани экспертизаҳои дастурамалҳо ва талабот аз муассисаҳои муолиҷавӣ-профилактикӣ;
- усулҳои муайянкунии талабот ва ниёзи ба гурӯҳҳои гуногуни дорухо;
- технологияи нигоҳдории молҳои ассортименти дорухона;
- тартиби фурӯши дорухо ба аҳолӣ ва ба муассисаҳои муолиҷавӣ-профилактикӣ;
- мохиятҳои асосии ҳисобу китоби арзишҳои молию моддӣ, маблағҳо.

Донишҷӯ бояд аз уҳдаи таҷрибаҳои зерин барояд:

- муайян кардани гурӯҳҳои маводи доругӣ барои муолиҷаи беморие муайян ва амалӣ кардани интихоби маводи доругии нисбатан самарабахш ва бехавф;
- пешгӯӣ ва баҳодиҳӣ кардани реаксияҳои номатлуби дорухо, донистани тартиби қайди онҳо;
- муайян кардани реҷаи оптималии ба вояҳо тақсим кардан (миқдор), масъалаҳои муолиҷаи адекватӣ;

- бо назардошти этиология ва патогенези бемориҳо, инчунин зуҳуроти симптомӣ ва синдромӣ фаҳмондани таъсири дорухое, ки мутахассисон таъин мекунанд;
- аз рӯи тавсифҳои асосии асосии клиникӣ баҳодиҳи ҳолати системаи дилу рагу, системаи нафас, ҳолати узвҳои ковокии шикам, узвҳои ҳис;
- амалӣ кардани ҳунравии муваққатӣ бо тарзҳои гуногун;
- расонидани ёрии аввалини тиббӣ ҳангоми осебҳои гуногун, коркард ва чароҳатбандӣ, гузоштани бандинаҳо, таъмин кардани иммобилизатсияи интиқолии патсиентони зуд-зуд ба бемориҳои шадиди соҳаи терапевтӣ ва ҷарроҳӣ гирифторшаванда;
- иҷро кардани муоличаҳои оддӣ, амалӣ кардани муроқибати умумии беморон;
- иҷро кардани ухдадориҳои касбии худ ҳангоми кор дар ҳайати қисмҳои махсуси тандурустӣ, қисмҳо ва муассисаҳои ҳадамоти тиббии мудофиаи шаҳрвандӣ, ташкил кардани кори муассисаи дорухона ва амалӣ кардани таъмини дорувории дар вазъиятҳои фавкулодда;
- расонидани ёрии фаврии тодухтурӣ дар манбаъҳои зарбаи оммавӣ ва дар даврахои эвакуатсияи тиббӣ;
- таъмин кардани шароити зарурии нигоҳдории маводи доругӣ ва дигар махсулоти фарматсевтӣ дар раванди молкашонӣ ва дар муассисаҳои шабакаи молгузаронанда;
- табибон, провизорҳо, аҳолиро аз тавсифҳои асосии маводи доругӣ, мансубият ба гурӯҳи муайяни фармакологӣ-терапевтӣ, нишондод ва гайрипишондодҳо ба истифода, имконпазирии ивази як мавод ба чои дигар мавод ва истеъмоли ратсионалӣ ва коидаҳои нигоҳдорӣ маълумот додан;
- ҳуҷҷатгузории чорӣ аз рӯи тайёр кардан, нигоҳдорӣ, ба расмият даровардан ва фурӯши маводи доругӣ аз дорухона;
- риоя кардани коидаҳои ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;
- аз рӯи вазн маводи доругии сахт, моеъ ва часпакро бо ёрии тарозуҳои дорухонагӣ ба вояҳо тақсим кардан;
- аз рӯи ҳачм дорухои моеъро бо ёрии чакрарезҳо, инчунин бо чакраҳо ба вояҳо таксим кардан;
- интихоб кардани варианти оптималии технология ва тайёр кардани шаклҳои дорувориӣ;
- интихоб кардани масолеҳи борпечонӣ ва амалӣ кардани тамғазанӣ вобаста ба навъи шакли дору, роҳҳои воридсозӣ ва хусусиятҳои физикӣ-кимиёвии маводи доругӣ ва маводи иловагӣ;
- баҳодиҳии сифати дорухо аз рӯи нишондиҳандаҳои технологӣ: дар марҳилаҳои тайёркунӣ, масолеҳи тайёр ва ҳангоми фурӯш;
- баҳодиҳиии тавсифҳои техникии тачҳизоти фарматсевтӣ;
- дар назар доштани миқдори махсулот ва экстрагент, барои истеҳсоли маводи экстаксионӣ;
- гузарондани бақайдгирии миқдори моддаҳои доругӣ ва моддаҳои ёридиҳанда барои истехсоли: хокаҳо, чамъи гиёҳхо, гранулҳо, гилофакҳо, гранулаҳои хурд, гилофакҳои хурд, ҳабҳо, маҳлулҳо дар ҳалкунандаҳои часпак ва бухоршаванда, шарбатҳо, обҳои хушбӯй, шаклҳои доругӣ барои чашм, маҳлулҳо барои тазрик,

суспензияҳо, эмулсияҳо, марҳамҳо, суппозиторияҳо, пластирҳо, қаламҳо, плёнкаҳо, аэрозолҳо;
- тайёр кардани маводи доругии истеҳсолоти саноатӣ;
- таъмин кардани шароити асептикӣ гузарондани раванди биотехнологӣ ва мутобикати он ба талаботи муосири ташкили истеҳсолот;
- таъмин кардани риояи беҳдошти саноатӣ, ҳифзи муҳити зист, меҳнат, техникаи бехатарӣ;
- ба назар гирифтани таъсири омилҳои биотехнологӣ ба самаранокии раванди технологӣ ва нигоҳ доштани шароити оптималӣ барои биосинтези масолеҳ;
- ташхиси растаниҳои доругӣ аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ дар табиат;
- истифодаи усулҳои таҳлили макроскопӣ ва микроскопӣ барои муайянкунии аслӣ будани маҳсулоти растаниҳои доругӣ;
- муайян кардани маҳсулоти хоми растаниҳои доругӣ дар шакли яклухт ва резашуда ба воситаи муайянкунандаҳои мутобик;
- ошкор сохтани омехтаҳои растаниҳои бегона ҳангоми таҳлили маҳсулоти хом;
- муайян кардани захираҳо ва ҳачмҳои имконпазири тайёр кардани маҳсулоти растаниҳои доругӣ;
- гузарондани реаксияҳои сифатӣ ва микроскопии моддаҳои асосии биологӣ фаъоли таркиби растаниҳои доругӣ ва маҳсулоти хом;
- қабулкунии маҳсулоти растаниҳои доругӣ, чудо кардани махакҳои зарурӣ барои таҳлили он тибқи талаботи чорӣ;
- гузарондани коркарди оморӣ ва ба расмият даровардани натичаҳои таҳлили фармакогностикӣ, оиди босифат будани маҳсулоти растаниҳои доругӣ тибқи талаботи чорӣ хулосаҳо навиштан;
- тайёр кардани реактивҳо, маҳлулҳои эталонӣ, титрдор ва озмоишӣ, гузарондани назорати онҳо;
- муқаррар кардани аслӣ будани моддаҳои доругӣ тариқи реаксияҳо ба фрагментҳои сохтории онҳо;
- муайян кардани нишондиҳандаҳои умумии сифати моддаҳои доругӣ: ҳалшавандагӣ, ҳарорати гудозиш, зичӣ, туршӣ, ишқорнокӣ, шаффофият, дарачаи ранг, зол, талафи вазн ҳангоми хушккунӣ;
- шарҳ додани натичаҳои УФ ва ИК спектрометрия барои тасдиқи айнияти моддаҳои доругӣ;
- истифодаи намудҳои гуногуни хроматография дар таҳлили моддаҳои доругӣ ва шарҳ додани натичаҳои он;
- муқаррар кардани миқдори моддахои доругӣ дар субстансия ва шаклҳои доругӣ бо усулҳои титрометрӣ;
- гузарондани озмоиши тозагии моддаҳои доругӣ ва муқаррар кардани ҳудудҳои миқдори омехтаҳо тавассути усулҳои кимиёвӣ ва физикӣ-кимиёвӣ;
- иҷро кардани таҳлил ва назорати сифати маводи доругии истеҳсоли дорухонагӣ мутобиқи талаботи чорӣ;
- мустақилона гузарондани тадқиқоти судӣ-химиявии далелҳои шайъӣ ба моддаҳои гуногуни токсикӣ бо истифода аз донишҳои токсикологияи биохимиявӣ ва аналитикӣ ва маҷмӯи усулҳои таҳлили муосири биологӣ, физикӣ-химиявӣ ва

кимиёӣ;

- амалӣ кардани ташхиси аналитики захролудшавии шадид бо назардошти хусусиятҳои таҳлили химиявӣ-токсикологӣ зимни расондани ёрии бетаъхири тиббӣ ба гирифторони захролудшавии шадид;
- гузарондани ташхиси аналитикии маводи мухаддир, психотропӣ ва дигар моддаҳои токсикӣ дар муҳити биологии организми одам;
- шарҳ додани натиҷаҳои таҳлили кимиёвӣ-токсикологӣ бо назардошти равандҳои биотрансформатсияи моддаҳои токсикӣ ва имконпазирии усулҳои аналитики тадқиқот;
- ҳуҷҷатгузорӣ ичрои тадқиқоти озмоишгоҳӣ ва экспертӣ, ба расмият даровардани хулосаи экспертӣ;
- амаликунии қабули молҳои фарматсевтӣ аз рӯи миқдор ва сифат, бо гузарондани таҳлили молшиносӣ тибқи баҳодихии хусусиятҳои истеъмолӣ ва бехавфии онҳо; гузарондани таҳлили молшиносии ассортименти молҳои фарматсевтӣ ва маснуоти техникаи тиббӣ ва онро ба сохтори оптималӣ ташаккул додан;
- гузарондани корҳои иттилоотӣ, тарбиявӣ ва санитарӣ-равшаннамоӣ;
- дар амалия истифода кардани усулҳо ва тарзҳои таҳлили маркетингӣ дар системаи таъмини дорувории ва муассисаҳои муолиҷавӣ-профилактикӣ;
- амалӣ кардани экспертизаи фарматсевтии дастурамалҳо ва талаботи муассисаҳои муолиҷавӣ-профилактикӣ;
- фурӯхтани маводи дорӯгӣ, маҳсулот ва маснуоти фарматсевтии техникаи тиббӣ, тайёр кардани пешазфурӯши онҳо бо назардошти хусусиятҳои истеъмолиашон;
- муайян кардани арзиши маводи тайёри дорӯгӣ ва дорувории истеҳсоли инфиродӣ;
- амалӣ кардани бақайдгирии дастурамалҳо дар ҳуҷҷатҳои мутобиқ;
- рӯйхаткунии ашёӣ-миқдории маводи дорӯгӣ дар дорухона;
- рӯйхаткунии таъминоти имтиёздорон ва ройгони аҳолӣ бо маводи дорӯгӣ;
- ба расмият даровардани гузарондани корҳои озмоишгоҳӣ, баркашида нечондан ва озмоишгоҳӣ-қадоқӣ;
- муайян кардани ниёз ва талаботи гурӯҳҳои гуногуни молҳои фарматсевтӣ;
- ба расмият даровардани супориш барои таъминоти маҳсулоти дорухона;
- гузарондани назорати мубодилаи пул дар ҳазинаи дорухона ва дар ҳисоби ҷорӣ;
- гузарондани таҳлили вазъи молиявӣ-хоҷагии дорухона ва пешниҳоди чорабиниҳо барои баланд бардоштани самаранокии фаъолият;
- аҳолӣ, кормандони тиббӣ ва фарматсевтиро оиди маводи дорӯгӣ, аналог ва ивазкунандаҳои онҳо маълумот додан;
- таҳлил кардани захираҳои мол ва муайян кардани манбаъҳои маблағгузории онҳо.

Донишҷӯ бояд дорои таҷрибаҳои зерин бошад:

- алгоритмҳои ёрии тодухтурӣ ба беморон ва зарардидагон дар вазъиятҳои фавкулодда мутобиқи стандартҳои муосир;
- протседураҳои оддии муолиҷавӣ ва протседураҳои муолиҷавӣ тарзи мурокибати умумӣ ва махсуси беморон ва зарардидагон дар вазъиятҳои фавкулодда;
- принсипҳои этика ва деонтологияи тиббӣ;
- тарзи ташкили речаи зарурии санитарии дорухона ва муассисаҳои фарматсевтӣ;

- малакаҳои ба вояҳо таксим кардани моддаҳои сахт ва моеъ ба воситаи тарозуҳои дорухонагӣ аз рӯи вазн; маводи моеъ аз рӯи ҳаҷм;
- малакаҳои борпечонӣ ва ба расмият даровардани шаклҳои дорӯгӣ барои фурӯш;
- тарзҳои тайёр кардани тамоми навъҳои шаклҳои дорувории дар шароити дорухона;
- малакаҳои тартиб додани шиносномаи назорати хаттӣ ҳангоми тайёр кардани шаклҳои экстемпоралии дорувории;
- малакаҳои тартиб додани қисмҳои технологии регламенти саноатӣ барои истеҳсоли шаклҳои тайёри дорувории, аз ҷумла нақшаҳои технологӣ ва дастгоҳии истеҳсоли формаҳои тайёри дорувории;
- малакаҳои назорати давра ба давраи сифат ҳангоми истеҳсол ва тайёр кардани маводи дорувории;
- малакаҳои тафриқаи гиёҳҳои шифобахш аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ ба шаклҳои зинда ва хушк кардашуда;
- тарзи тайёр кардани микропрепаратҳои гурӯҳҳои гуногуни морфологии маҳсулоти дорувории гиёҳӣ;
- тарзи гузарондани реаксияҳои сифатӣ ва микрохимиявӣ ба моддаҳои асосии фаъоли биологӣ, ки дар таркиби растаниҳои дорӯгӣ ва маҳсулоти дорӯгӣ (полисахаридҳо, равғанҳои эфир, витаминҳо, гликозидҳои дил, сапонинҳо, маҳсули антратсентрӣ, кумаринҳо, флавоноидҳо, моддаҳои даббогӣ, алколоидҳо) мавҷуданд;
- малакаҳои шарҳ додани натиҷаҳои таҳлили маводи дорувории баҳодихии сифати онҳо; протседураҳои стандартии ҷарроҳӣ барои муайян кардани тартиб ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо барои изҳорот оиди мутобиқат кардани маҳсулоти тайёр ба талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ;
- малакаҳои истифодаи усулҳои таҳлили кимиёвӣ, биологӣ, асбобӣ барои тафриқа ва муайян кардани маводи токсикӣ ва метаболитҳои онҳо;
- малакаҳои истифодаи усулҳои таҳлили фаврӣ барои гузарондани ташхиси таҳлилии наркомания, токсикомания, захролудшавиҳои шадид; принсипҳои асосии ҳуҷҷатгузории тадқиқоти кимиёвӣ-токсикологӣ;
- тарзи истифодаи усулҳои таҳлили физикӣ-кимиёвӣ, титриметрӣ, гравиметрӣ ва хроматографии маҳсулоти доругии гиёҳӣ;
- малакаҳои гузарондани таҳлили молшиносии молҳои фарматсевтӣ, тиббӣ, маснуоти техникаи тиббӣ ва дигар маҳсулоти фарматсевтӣ;
- ҳуҷҷатнигории меъёрӣ-ҳуқуқие, ки тартиби кори дорухонаро аз рӯи фурӯши маводи дорувории ва дигар маҳсулоти фарматсевтӣ ба аҳолӣ ва ба муассисаҳои табобатӣ-профилактикӣ ба танзим медарорад;
- усулҳои гузарондани назорати дохилидорухонагии сифати доруҳо;
- тарзи ташкили кор дар қисмҳои асосии низоми молгузаронандаи бозори фарматсевтӣ;
- амалӣ гардондани экспертизаи фарматсевтии дастурамалҳо ва талабот-борхатҳо, фурӯхтани маводи дорувории ба беморони амбулаторӣ ва статсионарӣ;
- усулҳои таҳлили молиявӣ-иқтисодӣ, таҳлили нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти дорухонаҳо, гузарондани таҳлили ҳолати асбобу анҷом ва ухдадориҳои дорухона, баҳодиҳии дараҷаи хавфи фаъолияти соҳибкорӣ, ба қисматҳо ҷудо кардани

(сегментирование) бозори фарматсевтӣ ва амалӣ кардани интихоби сегментҳои яклухт;

- усулҳои омӯзиши эҳтиёҷот, ташаккули ассортимент ва пешгӯӣ кардани талабот ба маводи дорувориҳ ва дигар маҳсулоти фарматсевтӣ;
- коргузории маъмурӣ;
- риоя кардани принсипҳои этика ва деонтология дар муносибат бо кормандони тиббӣ ва фарматсевтӣ, истеъмолгарон.

6. ТАЛАБОТ БА СОХТОРИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

6.1. Барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ омӯзиши фанҳои таълимӣ ва иҷрои корҳои ғайриаудиториро дар бар мегирад (ҷадвали 2):

- фанҳои гуманитарӣ;
- фанҳои табиию риёзӣ ва иқтисодӣ;
- фанҳои умумикасбӣ;
- фанҳои тахассусӣ;
- таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ;
- аттестатсияи хатм.

6.2. Мавзӯъ ва мундариҷаи ҳар як фанни таълимӣ тавре муайян карда мешавад, ки дар баробари пурра аз худ намудани барномаи таълимии онҳо сатҳи мустақилиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ ташаккул ёбад.

6.3. Бахши фанҳои гуманитарӣ омӯзиши фанҳои ҳатмии фалсафа, таърихи халқи тоҷик, забони тоҷикӣ, забони хориҷӣ, забони русӣ, сотсиология, сиёсатшиносӣ, ҳуқуқ, фарҳангшиносӣ, диншиносӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва фанни интихобии этика ва эстетика ё мантиқро дар бар мегирад.

6.4. Бахши фанҳои табиию риёзӣ ва иқтисодӣ омӯзиши фанҳои ҳатмии назарияи иқтисодӣ, географияи Тоҷикистон бо асосҳои демографияи он, технологияи информатсионӣ ва фанҳои интихобии экология ва мудофиаи шаҳрвандиро дар бар мегирад.

Ҷадвали 2

СОХТОРИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

Т/р	МАВЗӮЪҲОИ ОМӮХТАШАВАНДА	Кредит	Соат
I.	**БАХШИ ФАНҲОИ ГУМАНИТАРӢ**	**54**	**1296**
БФГ 01	**Фалсафа** Фалсафа, доираи проблемаҳо ва нақши он дар ҷомеа. Метод ва вазифаҳои фалсафа. Фалсафа дар низоми фарҳанг. Предмет ва объекти донишҳои фалсафӣ. Фалсафа дар Ҳинди бостонӣ ва Чини Қадим. Фалсафаи бостонии тоҷику форс. Фалсафаи Юнонӣ атика. Тавсифи умумии таълимотҳои фалсафии Ҳинду Чини қадим, Форси бостон ва Юнонӣ атика. Фалсафаи асримиёнагии аврупой. Фалсафаи асримиёнагии Шарқи Исломӣ. Принсипҳо ва назарияи фалсафию динии машшоия ва калом. Фалсафаи даврaи Эхё. Фалсафаи Замони нав (асри XVII-XVIII). Фалсафаи	**5**	**120**

	маорифпарварии франсавӣ. Мақоми фалсафа ва илм дар фарҳанги аврупоии замони Нав. Фалсафаи классикии олмонӣ. Фалсафаи марксистӣ. Моҳияти фаҳмиши материалистии таърих. Масъалаи шуур дар фалсафа. Шуур ва инъикос. Равишҳои мухталифи илмию фалсафӣ доир ба моҳияту хосияти шуур. Гносеология-таълимот дар бораи маърифат. Маърифат ҳамчун мавзӯи таҳлили фалсафӣ. Назарияҳои ҳақиқат. Субъект ва объекти маърифат. Проблемаи ҳақиқат дар фалсафа ва илм. Хусусияти маърифати илмӣ. Методология таҳқиқоти илмӣ. Методҳои маърифати илмӣ. Меъёри илмияти дониш. Инсон шакли махсуси ҳастӣ. Масъалаи инсон дар фалсафа. Антропосотсиогенез. Таносуби хусусиятҳои биологӣ ва иҷтимоӣ дар инсон. Инсон дар фаъолияти ҳаётии хеш. Озодӣ дар низоми нерӯҳои моҳиятии инсон. Моҳияти иҷтимоӣ-фарҳангии инсон дар таълимотҳои инсон шиносӣ. Предмет ва методи фалсафаи иҷтимоӣ. Ҷамъият ҳамчун низоми худинкишофёбанда. Антропологияи иҷтимоӣ. Ҷамъият ҳамчун низоми робита ва муносибати одамон дар раванди фаъолият, талабот ва заруриятҳои таърихӣ. Ҷамъият ва табиат. Диалектикаи робитаи байниҳамдигарӣ. Воқеияти иҷтимоӣ ва таҳқиқи он дар фалсафа. Соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъият. Соҳаи иқтисодӣ-соҳаи бунёдии ҳаёти ҷамъият. Тарзи истеҳсолоти ҷамъиятӣ. Тақсимоти ҷамъиятии меҳнат-нерӯи пешбарандаи фаъолияти одамон. Сохтори иҷтимоии ҷамъият. Ҳаёти иҷтимоӣ соҳаи ҳастии умумиятҳои иҷтимоии одамон. Ҳаёти сиёсии ҷамъият. Давлати ҳуқуқбунёд. Нақши асосгузори сулҳу ваҳдат ва пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими истиқлолият ва таъмини ҳаёти осоиштаи ҶТ. Ҳаёти маънавии ҷамъият. Таърих ва фалсафаи таърих. Субъект ва қувваҳои пешбарандаи таърих. Ҷомеаи постиндустриалӣ ва иттилоотӣ. Ҷомеаи шаҳрвандӣ. Шуури ҷамъиятӣ. Таркиботи шуури ҷамъиятӣ: дараҷа ва шаклҳои он. Ташаккули назарияҳои ҷамъияти постиндустри алӣ ва ахборӣ. Фалсафаи фарҳанг. Фарҳанги моддӣ ва маънавӣ. Фарҳанг ва ҳаёти маънавии ҷамъият. Парадигмаҳои асосии таҳлили фалсафии фарҳанг. Бухрони тамаддуни муосир ва масъалаи бақои мавҷуди инсонӣ. Табаддулоти технологӣ. Проблемаҳои фалсафаи техника. Назарияҳои муосир дар мавзӯи «Гуфтугӯ, алоқамандӣ, муковимат ва бархурди тамаддунҳо». Маърифати арзишӣ ҳастӣ. Аксиология-фалсафаи арзишҳо. Арзишҳои ахлоқии ҷомеа. Дин ҳамчун шакли фаъолияти маънавӣ ва дин ҳамчун шуури ҷамъиятӣ. Эстетика-фалсафаи санъат. Хусусияти хоси дарки эстетикии олам. Идеология ҳамчун шакли фаъолияти маънавӣ ва омили интегративии ҷомеа. Санъат –инъикоси бадеию рамзии олам, дарки маъноӣ ҳаёт ва мукаррар шудани арзишҳо дар ҷараёни ташаккули наслҳои ҷавон. Шуури ҳуқуқӣ ва ташаккули таърихии фалсафаи ҳуқуқ. Дурнамои ҷомеаи инсонӣ. Футурология-илм дар бораи оянда. Омилҳои асосии ояндабинӣ ва методҳои пешгӯии иҷтимоӣ. Глобализатсия-предмети таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ.		

	Тоҷикистон дар масири тағйиротҳои бузурги глобалии замони муосир. Фалсафа ва ҷаҳони муосир. Мушкилоти нигоҳдории ҳувияти миллӣ ва бақою устувории арзишҳои ватанӣ дар замони бархурди ҷомеаҳои техногению информатсионӣ бо ҷомеаҳои анъанавӣ.		
БФГ 02	**Таърихи халқи тоҷик** Мақсад ва вазифаҳои асосии омӯзиши таърихи халқи тоҷик. Семинар дар мавзӯи: Таърих ҳамчун илми ҷомеашиносӣ. Ҷомеаи ибтидоӣ дар Осиёи Марказӣ. Осори асри санг. Осори ҷомеаи ибтидоӣ дар ҳудуди Тоҷикистон. Мутолиа ва конспекти китоби Дяконов М.М. «Маданияти қадими тоҷикон». Энеолит ва асри биринҷӣ дар Осиёи Марказӣ. Ориёиҳо: таърихи пайдоиш, муҳоҷират. Тамаддуни ориёӣ. Нахустин давлатҳои ориёӣ. Ойини зардуштӣ. Авесто. «Авесто-нахустқомуси башарӣ ва сарчашмаи таърихӣ». Мутолиа ва конспекти мухтасари китоби Эмомалӣ Раҳмон. «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ». Империяи Ҳахоманишиён. Мутолиа ва азёд намудани «Эъломияи Куруши Кабир». Муборизаи аҷдодони тоҷикон бар зидди истилогарони юнонӣ-мақдунӣ. Дарс-сӯҳбат дар мавзӯи "Оқибати забткориҳои Искандари Мақдунӣ дар Осиёи Марказӣ". Давлати Кушониёни бузург. «Осори давраи Кӯшониён дар осорхонаҳои Тоҷикистон». Ташаккули Роҳи Бузурги Абрешим ва нақши аҷдодони тоҷикон дар он. «Ёдгориҳои таърихии маҳалли зисти ман». Ташаккулёбии халқиятҳои қадими ориёӣ. Оғози ташаккулёбии халқияти тоҷик. Ташаккулёбии муносибатҳои феодалӣ дар Осиёи Марказӣ. Шоҳаншоҳии Сосониён. Пешниҳоди маърӯза ва ё эссе доир ба яке аз мавзӯъҳо: «Фарҳангистони Гундишопур», «Борбади Марвазӣ», «Ойини зардуштӣ», «Авесто», «Нақши Сосониён дар тамаддуни ориёӣ», «Динҳои замони Сосониён», «Мусиқии замони Сосониён», «Ҷашнҳои суннатии замони Сосониён». Давлатҳои Кидориён, Хиёниён ва Ҳайтолиён. Муборизаи Сосониён, Ҳайтолиён ва Ҳоқонии турк дар Варазруд. «Шаҳрҳои Эрони Шарқӣ дар асрҳои III-VII». Варазруд дар давраи парокандагии сиёсии асрҳои VI-VII. Маданияти моддӣ ва маънавии аҷдодони тоҷикон дар асрҳои III-VII. Вазъи сиёсии Варорӯд ва Эрон дар арафаи ҳуҷуми арабҳо. Ҳуҷуми арабҳо ба Эрон, Хуросон ва Варорӯд. Забти ин сарзаминҳо аз тарафи истилогарони араб. Хуросон ва Мовароуннаҳр дар замони ҳукумати арабҳо. Бармакиён. Семинар дар мавзӯи «Неҳзати Абӯмуслим». Нақзатҳои озодихоҳӣ бар зидди хилофати араб дар Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр. Мутолиа ва конспекти китоби Садриддин Айнӣ «Исёни Муқаннаъ. Очеркҳои таърихӣ-таҳлилӣ». Давлати Тоҳириён. «Хуросон-ҳудуди таърихӣ-ҷуғрофӣ». Давлати Саффориён. Хонадони Сомонӣ ва болоравии нуфузи сиёсии он. Таъсисёбии давлати Сомониён. Исмоили Сомонӣ-асосгузори давлати Сомониён. Пур кардани харитаи контурии «Давлати Сомониён». Давлати Сомониён дар замони ҳукумати Насри II. Мутолиа ва конспекти китоби А. Мухторов. «Амирон ва вазирони Сомонӣ». Сохтор ва низоми идоракунии давлати Сомониён.	6	144

	«Мовароуннаҳр ва ҳудуди он». Рушди киштоварзӣ, косибӣ ва тичорат дар дар давраи Сомониён. Фарҳанги моддӣ ва маънавӣ дар аҳди Сомониён. Дарс-конференсия дар мавзӯи «Илм ва адабиёти тоҷик дар давраи Сомониён». Анҷоми раванди ташаккулёбии халқи тоҷик. Мутолиа ва конспекти зерфасли «Анҷоми ташаккулёбии халқи тоҷик»-и боби дуввуми китоби Б.Ғафуров «Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав». Давлати Сомониён дар нимаи дуюми асри X ва сабабҳои заволи он. Абӯиброҳими Мунтасир ва муборизаи он барои барқарории давлати Сомониён. «Нақши Сомониён дар таърихи давлатдории халқи тоҷик». Мутолиа ва конспекти мақолаи Садриддин Айнӣ «Маъноии калимаи «тоҷик» (аз китоби «Тоҷик-тоҷдор, тоҷвар»). Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои XI-XII. Давлати Ғуриён ва Хоразмшоҳиён. «Давлати Ғуриён». Авзои иқтисодӣ ва иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон дар асрҳои XI-XII. Фарҳанги моддӣ ва маънавии халқи тоҷик дар асрҳои XI-XII. «Низомулмулк-арбоби давлатӣ ва фарҳангии тоҷик». Авзои сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар арафаи ҳуҷуми муғулҳо. Ишғоли Мовароуннаҳру Хуросон аз ҷониби муғулҳо. Муборизаи мардуми тоҷик бар зидди муғулҳо. Мутолиа ва конспекти китоби С.Айнӣ «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Очерки адабӣ-таърихӣ». Оқибати фочиабори забткориҳои муғул дар Мовароуннаҳру Хуросон. Семинар дар мавзӯи «Шӯриши Маҳмуди Тороби». Мутолиа ва конспекти пешгуфтори китоби И.П. Петрушевский «Земледелие и аграрные отношения в Иране XIII-XIV веков». Давлати Куртҳои Ҳирот (1245-1383). Давлати Сарбадорони Хуросон (1337-1381). Фарҳанги моддӣ ва маънавии халқи тоҷик дар асри XIII ва нимаи аввали асри XIV. Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV. Авзои иқтисодӣ ва иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV. Фарҳанги моддӣ ва маънавии тоҷикон дар асри XV. «Чеҳраҳои шинохтаи илм ва адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XIV ва асри XV». Ҳуҷуми кабилаҳои турку муғули Дашти Қипчоқ ба Мовароуннаҳр. Шайбониён. Вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хоросон дар асри XVI. Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII. Таъсиси давлати Аштархониён (Ҷониён). «Шӯришҳои мардумии нимаи дуввуми асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII». Авзои иқтисодӣ ва иҷтимоии Мовароуннаҳру Хуросон дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII. Мутолиа ва конспекти китоби А.Мухторов «Ҳисор: Очерки таърихӣ (Охири асри XV аввали асри XX). Фарҳанги моддӣ ва маънавии халқи тоҷик дар асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII. Вазъи сиёсии Осиёи Миёна дар нимаи дуввуми асри XVIII-нимаи аввали асри XIX. Манғитиён. Дарс-сӯҳбат дар мавзӯи "Мулкҳои тоҷикнишин дар нимаи аввали асри XIX". Мутолиа ва конспекти " Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития"-и А.Дониш. Авзои иҷтимоӣ ва иқтисодии халқи		

	тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII-нимаи аввали асри XIX. Фарҳанги моддӣ ва маънавии халқи тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII-нимаи аввали асри XIX. Ҳуҷуми русҳо ба Осиёи Миёна ва забти нохияҳои шимолии Тоҷикистон. Пурра тобеъ гардидани мулкҳои Бухорои Шарқӣ ба аморати Бухоро. Ҳалли масъалаи Помир ва ба Русия ҳамроҳ кардани Бадахшони кӯҳӣ. Сиёсати мустамликадории Русия дар Осиёи Миёна. Аморати Бухоро дар охири асри XIX. Семинар дар мавзӯи "Шӯриши Восеъ-бузургтарин харакати мардумӣ". Тоҷикони Генерал-губернатории Туркистон дар ибтидои асри XX. "Шӯриши соли 1916 ва иштироки фаъоли тоҷикон дар он". Тоҷикони аморати Бухоро дар ибтидои асри XX. Афкори ҷамъиятӣ-сиёсии халқи тоҷик дар охири асри XIX ибтидои асри XX. Мутолиа ва конспекти китоби С.Айнӣ "Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро". Таҳаввулоти фарҳангии халқи тоҷик дар нимаи дуввуми асри XIX ибтидои асри XX. "Ҳаракати маорифпарварӣ ва ҷадидия дар аморати Бухоро". Барпо гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир. "Мухторияти Қӯқанд" ва моҳияти сиёсии он". Сарнагун намудани тартиботи амирӣ ва барпо гардидани Ҳокимияти Шӯравӣ дар Бухорои Шарқӣ. Ҳаракати зиддишӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар ҳудуди Тоҷикистони Шимолӣ ва Помир. Ҳаракати зиддишӯравӣ дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ. Вазъи иқтисодию ичтимоӣ ва мадании халқи тоҷик дар ибтидои давраи Шӯравӣ. Сабабҳо ва зарурати гузаронидани марзбандии миллию ҳудудӣ дар Осиёи Миёна. Ҳолати ифодаи манфиатҳои тоҷикон дар ҷумҳурихои Туркистон ва Бухоро. Мутолиа ва конспекти китоби академик Р. Масов "Таърихи тоҷикон бо муҳри «комилан махфӣ». Ташкилёбии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии сотсиалистии Тоҷикистон. Вазъи сиёсию ҷамъиятӣ ва иқтисодиву ичтимоии ҶМШС Тоҷикистон. Ҳаёти мадании ҶМШС Тоҷикистон. Ҳолати ифодаи манфиатҳои Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Узбекистон ва сайъу талош барои таъсиси ҷумҳурии иттифокӣ. Навиштани маърӯза дар мавзӯи "Барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар маҳалли зисти ман". Навиштани маърӯза дар мавзӯи "Барпо шудани Ҳокимияти Шӯравӣ дар маҳалли зисти ман". Ташкилёбии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон. "Анҷумани III фавқулоддаи Шӯроҳои Тоҷикистон ва қарорҳои таърихии он". Вазъи ҷамъиятию сиёсӣ ва оқибатҳои таъкиботи сиёсӣ дарТоҷикистон. Дигаргунсозиҳои саноатӣ дар Тоҷикистон. "Омӯзиши илмии захираҳои табиию иқтисодӣ ва Конференсияи якуми қувваҳои истеҳсолкунандаи Тоҷикистон". Коллективонии соҳаи кишоварзӣ дар Тоҷикистон. Инкилоби маданӣ дар шароити Тоҷикистон. Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва сафарбарии умумии шаҳрвандон барои мудофиаи мамлакат. Қаҳрамонии фиристодагони Тоҷикистон дар муҳорибаҳои ҷангӣ ва озод намудани мамлакат ва Аврупо аз фашизм. "Қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ аз Тоҷикистон". Нақши меҳнаткашони Ҷумҳури Тоҷикистон дар ғалаба бар фашизм. "Фарҳанги			

	ва константаи солволиз. Муайянкунии pH. Истифодаи қонуни таъсири масса дар мувозинати гетерогенӣ. Ҳосили зарби ҳалшавандагӣ. Реаксияи оксиду барқароршавӣ ва истифодаи он дар таҳлилҳои аналитикӣ. Хосияти аналитикии анионҳо ва таснифи онҳо. Пайвастҳои комплексӣ. Собитаи ҳосилшавии пайвастҳои комплексӣ. Реаксияи оксиду барқароршавӣ ва истифодаи он дар таҳлилҳои аналитикӣ. Истифодаи пайвастагиҳои гайриорганикӣ дар таҳлилҳои аналитикӣ. Истифодабарии реагентҳои органикӣ дар кимиёи аналитикӣ. Титронӣ тариқаи тезобию ишқорӣ. Алкалиметрия. Атсидиметрия. Индикаторҳо. Хати качи титронӣ. Титронии оксиду-бақароршавӣ. Классификатсия. Индикаторҳо. Хати качи титронӣ. Тариқаи перманганатометрӣ. Тариқаи йодометрӣ. Индикаторҳо. Хати качи титронӣ. Бромометрия. Броматометрия. Титронии нитритометрӣ. Титронӣ тавассути ташкилшавии таҳшин. Аргентометрия. Индикаторҳо. Комплексонометрия. Индикаторҳо. Хати качи титронӣ. Истифодабарии титронии комплексонометрӣ дар фарматсия ва кимиёи аналитикӣ. Классификатсияи таҳлили инструменталӣ. Хроматография. Хроматография дар қабати тунук, таъвизи ионӣ, моегӣ ва газӣ. Усулҳои таҳлили оптикӣ. Таҳлили спектралии эмиссионӣ ва абсорбсионӣ. Спектроскопияи молекулавӣ абсорбсионӣ. Фотоколориметрия. Спектрофотометрия дар сохаи ултрабунафши спектр. Спектрофотометрия дар сохаи инфрасурхи спектр. Тариқаи таҳлили электрохимиявӣ. Потенсиометрия. Кондуктометрия. Полярография. Амперометрия. Кулонометрия. Рефрактометрия. Нақшаҳои дурнамои таҳлили инструменталӣ.		
БФТ 03	**Кимиёи фарматсевтӣ** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи дорувориӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ». Фармакопеяи давлатӣ (ФД). Ташкили ҷои кори фарматсевт- таҳлилгар. Ҳуҷҷатгузорӣ. Чорабиниҳое, ки барои баланд бардоштани сифати маводи дорувориӣ равона карда шудаанд. Таҳлили оби муқаттар (Ҳолати санитарӣ дар дорухона. Истеҳсоли оби муқаттар дар шароити дорухона). Усулҳои титриметрии таҳлили миқдории маводи дорувориӣ. Усули титронии кислотагӣ-ишқорӣ. Таҳлили миқдориии маҳлули 4% гидрокарбонати натрий, маҳлули 3% кислотаи гидрогенхлорид. Усули пермаганатометрӣ. Таҳлили миқдории маҳлули 3% пероксиди гидроген. Усули аргентометрӣ. Таҳлили миқдории маҳлули 0,9% хлориди натрий. Усули йодометрӣ. Таҳлили миқдории маҳлули спиртии 5% йод. Усули комплексонометрӣ. Таҳлили миқдории маҳлули хлориди калтсий. Истифодаи тариқаи рефрактометрӣ дар таҳлили фарматсевтӣ. Таҳлил тибқи усули элетрохимиявӣ: усули потенсиометрӣ. Таҳлил тибқи усули оптикӣ: усули спектрофотометрӣ. Усулҳои таҳлили консентратҳо. Таҳлили миқдории маҳлули 20% бромиди натрий, маҳлули 50% хлориди калтсий. Таҳлили маводи дорувии кудакона. Таҳлили маводи экстемпоралӣ. Таҳлили маҳлулҳои	**24**	**576**

	тамъизшаванда (стерильные растворы). Таҳлили қатраҳо барои чашм. Таҳлили маводҳои дорувии ноустувор: қатрахои нашатирӣ-анисӣ, маҳлули аммиак, маҳлули спиртии йод. Таҳлили маводҳои дорувии моеъ. Қоидахои ягонаи бастубанди дорухои дар дорухона тайёршаванда. Таҳлили хокаҳо. Таҳлили марҳамҳо. Таҳлили курсҳо. Ҳисобкунии математикии натичаҳои таҳлил. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи дорувориӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ». Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои фарматсевт-таҳлилгар. Усулҳои муосири таҳлили фарматсевтӣ, ки дар таҳлили маводи дорувориӣ истифода мешаванд. Таҳлили сифатии маводи дорувории дар дорухона истеҳсолшаванда. Тартиби баҳогузориӣ ба сифати маводи дорувории дар дорухона истеҳсолшаванда. Қоидаҳои ягонаи бастубанди маводи дорувории дар дорухона истеҳсолшаванда. Чорабиниҳое, ки барои баланд бардоштани сифати маводи дорувориӣ равона шудаанд. Хусусиятҳои таҳлили фарматсевтии маҳлулҳои тамъизшавандаи дар дорухона истеҳсолшаванда. Усулҳои электрохимиявӣ дар таҳлили маводи дорувориӣ. Усулҳои муосири таҳлили фарматсевтии қатраҳо барои чашм.		
БФТ 04	**Технологияи дорусозӣ** Омӯзиши Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи дорувориӣ ва фаъолияти фармасевтӣ». Воягузориӣ дар технологияи дорувории дорухонагӣ аз рӯи вазн, ҳаҷм ва катра. Таҷҳизот ва тафтиши тарозуҳои дастӣ ва тарирӣ. Тайёркунии хокаҳои экстемпоралии дибазол ва люминал аз рӯи дорухати индивидуалӣ. Тайёркунии хокаҳои мураккаб бо маводҳои сахт таъсир аз рӯи дорухати махсус. Тайёркунии оби тозакардашуда, оби тазриқӣ ва санчиши нишондиҳандаи сифати он. Тайёркунии йодиди калий ва бромиди натрий аз рӯи дорухати индивидуалӣ. Рақиққунии моеъҳои стандартӣ. Маҳлулҳои ғайриобӣ. Тайёркунии маҳлули Меновазин. Маҳлулҳои обии таввасути ҳалкунии маводҳои дорувории хушк ҳосил шаванда. Тайёркунии маҳлули пепсин, желатин, крахмал ва метилселлюлоза аз рӯи дорухати индивидуалӣ. Тайёркунии маҳлули колларгол ва протаргол. Тайёркунии суспензия аз омехтаи маводҳои гидрофилӣ ва гидрофобӣ. Суспензия оксиди рух ва сулфадиметоксин. Тайёркунии эмулсияи резорсин аз рӯи дорухати индивидуалӣ. Тайёркунии дамобаи пупаки чугорӣ ва чӯшобаи пустлохи булут. Микстураҳои дар дорухона истеҳсолшаванда. Технологияи микстура аз маводҳои хушк ва маҳлулҳои ғализ. Тайёркунии микстураи Равкина ва Ситрал аз рӯи дорухати индивидуалӣ. Тайёркунии шаклҳои дорувориӣ барои кудакони навзод аз рӯи дорухати индивидуалӣ. Маводҳои ёрирасон. Стабилизаторҳо, консервантҳо, корригентҳо, эмульгаторҳоғайраҳо. Асосҳои малҳамӣ. Таснифи асосҳои малҳамӣ. Тайёркунии малҳами 5%-и салисилови ва хамираи стрептосид дар шароити дорухона. Тайёркунии линименти 1%-и синтомисин аз рӯи дорухати инфиродӣ. Тайёркунии	**20**	**480**

	малҳами Ксероформ ва кислотаи бор аз рӯи дорухати инфиродӣ. Тайёркунии суппозитория аз рӯи дорухати инфиродӣ бо усули молиш додан. Тайёркунии суппозиторияи равғани ангат бо усули резиш. Тайёркунии Бура бо глицерин аз рӯи дорухати инфиродӣ. Тайёркунии маҳлули изотонии хлориди натри дар шароити дорухона. Тайёркунии шакли дорувории моеъ таввасути усули вазну-ҳачмӣ. Ҳисобкунии миқдори хлориди натрибарои тайёркунии маҳлул аз рӯи эквиваленти изотоники. Тайёркунии маҳлули ҳидрокарбонати натри барои тазриқи. Тайёркунии шакли дорувории экстемпорали бо антибиотикҳо. Тайёркунии қатраи хлорамфеникол барои гуш ва бинӣ аз рӯи дорухат. Тайёркунии гиёҳчамъ барои сулфа ва исҳоловар. Тайёркунии дорухати душвор тайёршаванда.		
БФТ 05	**Химияи физколлоидӣ** Фанни кимиёи физикӣ ва аҳамияти он дар фарматсия. Асосҳои термодинамикаи кимиёӣ. Қонуни сифр ва якуми термодинамика. Термокимиё. Вобастагии эфекти гармии реаксияи кимиёӣ аз ҳарорат. Муодилаи Кирхгофф. Қонуни дуюми термодинамика. Энтропия ва тағйирёбии он дар равандҳои гуногун. Вобастагии энтропия аз ҳарорат. Қонуни сеюми термодинамика. Энтропияи мутлақ ва стандартии моддаҳо; Тағйирёбии энтропия дар равандҳои кимиёвӣ. Потенсиалҳои термодинамикӣ. Муодилаи Гиббс ва Гелмголс. Термодинамикаи мувозинати кимиёвӣ. Муодилаи изотерма, изобара ва изохораи реаксияи кимиёвӣ. Тариқаҳои ҳисоб намудани энергияи Гиббс ва Гелмголс. Энергияи Гиббс ва Гелмголс дар шароити стандартӣ. Термодинамикаи мувозинати фазавӣ. Мафҳуми фаза. Қойдаи фазаи Гиббс. Гузариши фазавӣ ва мувозинати фазавӣ. Муодилаи Клайперон Клаузиус. Диаграммаи фазавии системаҳои яккомпонента. Истифодаи қоидаи фазаи Гиббс ба системаҳои яккомпонента. Системаҳои дукомпонента. Истифодаи қоидаи фазаи Гиббс ба системаҳои дукомпонента. Диаграммаи фазавии системаҳои дукомпонента. Маҳлулуҳои идеалӣ. Қонуни Раул. Майлкуниҳои мусбӣ ва манфӣ аз қонуни Раул. Хосияти колигативии маҳлулҳо. Пастшавии ҳарорати яхкунӣ, баландшавии ҳарорати ҷушиш ва фишори осмосӣ. Маҳлули электролитҳо. Назарияи электролитҳои қавӣ. Маҳлулҳои буферӣ. Интиқоли барқ ва кондуктометрия. Қувваи электроҳаракатдиҳанда ва равандҳои электродӣ. Занҷирҳои галваникии химиявӣ ва консентратсионӣ. Элекродҳои баргардандаи ҷинси як ва ду. Элекроди стандартии гидрогени. Электродҳои оксиду барқароршавӣ. Термодинамикаи элементи галвани. Потенсиометрия. Фанни кимиёи коллоидӣ ва аҳамияти он дар фарматсия. Кашиши сатҳии моеъҳо. Сорбсия. Адсорбсия. Абсорбсия дар сарҳади моеъ газ, моеъ моеъ, моддаи сахт газ маҳлул. Назарияҳои адсорбсионӣ. Адсорбсияи электролитҳои қавӣ. Адсорбсияи таъвизи ионӣ. Ионитҳо.Хромотография.	**11**	**264**

	Электрофорез. Кинетикаи кимиёвӣ. Муодилаи кинетикӣ. Молекулярнокӣ ва тартиби реаксия. Вобастагии суръати реаксия аз ҳарорат. Энергияи фаъолият. Тариқаҳои муайян намудани тартиби реаксия ва энергияи фаъолият. Системаи дисперсӣ. Таснифи системаҳои дисперсӣ ва коллоидӣ. Хосияти молекулярӣ кинетикӣ ва оптикии системаҳои коллоидӣ. Седиментатсия дар системаҳои дисперсӣ. Заряди электрикии заррачаҳои коллоилӣ. Сохти қабати дучандаи электрикӣ. Назарияҳои ҚДЭ. Потенсиалӣ қабати дучандаи электрикӣ. Таъсири омилҳои гуногун ба қабати дучандаи электрикӣ. Ҳодисаҳои электрокинетикӣ. Электрофорез ва электроосмос. Системаҳои микрогетерогенӣ. Хока. Аэрозол. Суспензия. Кафк. Ҳосил кардан ва хосияти эмулсия. Маҳлули моддаҳои калонмолекула. Хосияти пайвастҳои калонмолекула. Муайян намудани нуқтаи изоэлектрикӣ тавассути тариқаи таваррум. Гел ва ҳулом. Ҳосил намудани гели карбонати калсий ва синерезиси он. Системаҳои дисперсӣ ва полимерҳо.		
БФТ 06	**Анатомияи растаниҳо бо асосҳои физиология** Муқаддима. Ботаника-илми биологӣ. Рустанӣ организми зинда. Сохти асосии дарунии узвҳои рустанӣ. Типи ҳучайраҳо ва бофтаҳои рустаниҳо. Асосҳои ҳучайрашиносӣ. Ҳучайраҳои тоҳастадорон ва ҳастадорон. Ҳучайраҳои ҳайвон, замбурӯғӣ ва рустанӣ. Сохти ҳучайраи рустанӣ. Таксимшавии ҳучайра. Пӯстпардаи ҳучайра ва хамроҳакҳои ҳучайра. Бофтаҳои рустаниҳо. Тасниф. Бофтаҳои офаранда. Бофтаҳои пушонандаи (аввалин, дуюмин, ва сеюмин). Бофтаҳои тарашуҳӣ. Тасниф. Сифати онҳо. Бофтаҳои механикӣ. Тасниф. Сифати онҳо. Бофтаҳои гузаронанда. Тасниф. Сифати онҳо. Типии дастаҳои рагу тори гузаронанда. Тасниф. Сифати онҳо. Типии сохти анатомии танаҳои рустаниҳои алафӣ. Типии сохти анатомии танаҳои рустаниҳои дарахтӣ. Сохти анатомиву вазифаҳои физиологии реша. Ғизои минералии рустаниҳо. Нумӯъи рустаниҳо. Сохти анатомиву вазифаҳои физиологии барг. Таракиёти рустаниҳо Усулҳои афзоиши рустаниҳо. Муқаддима. Тасниф. Воҳидшиносӣ. Муқаддима. Тасниф. Воҳидшиносӣ. Рустаниҳои содда. Булакшавандаҳо ва Замбурӯғҳо. Тасниф. Гулсангҳо. Аҳамият. Обсабзҳо. Тасниф. Тараққиёти биологӣ. Аҳамият. Рустаниҳои олӣ. Сохти узвҳои онҳо вобаста ба муҳити нави сукунати зист. Тасниф, шуъбаи риниофита ва ушнамонандон. Тасниф ва сифати онҳо. Таснифи муратабии шуъбаҳои мунмунмонандон, чилбутуммонандон ва сарахсмонандон. Тасниф баробар ва гуногунҳокаҳо. Аҳамият. Шуъбаи санавбармонандон. Пайдо шудани тухм-сифати нави эволютсионӣ. Шуъбаи магнолиофита. Таснифи умумии пайдоиш. Эволютсияи узвҳои нашвию худтакроркунӣ. Аҳамият. Гул, сохт ва пайдоиши он. Тудагул. Таснифи меваю тухм. Тасниф. Аҳамият. Маълумоти мухтасари силсилаҳои муратаббиёти рустанихои гулдор. Тасниф. Тартибот: магнолиошакл, лавр, нилуфар. Тартибот: чанорак, муғах, кукнор, тороншаклон. Тасниф. Аҳамият.	**8**	**192**

	Тартибот: гамамелит, булут, бручшақлон-, хурмошакл, кадушакл, гармашшаклон, Тартибот: Садбарг, лубиё, каравсмонандон. Тартибот: газнасимо-, авранч, хандонгулон. Зерсинфи кавкабмонандон. Синфи лилиахо. Зерсинфи кавкабмонандон. Намояндагон лилиопсидахо. Рустанишиноси ва асосҳои таълими микроскопӣ. Сохтори микроскоп ва қоидаҳои коргузорӣ бо он. Коргузорӣ бо покӯ (тег) ва қоидаҳои аксбардорӣ. Усулҳои тайёр кардани ташрехо. Сохтори ҳучайраи пӯстпардаи пӯсти пиёз Allium cera L. Ҳодисаи муттаасиршавӣ ва барқароршавӣ. Сохтори ҳучараи барги авлоди традескансия Tradescantia sp.div. Ҳодисаи муттаасиршавӣ ва барқароршавӣ. Сохтори ҳучараҳои лаъличаҳои (пластидҳои) сурхча, зардча, ҷигарӣ (хромопластаҳо) ва сабз (хлоропластаҳо). Ҳодисаи муттаасиршавӣ ва барқароршавӣ. Сохтори ҳучайраҳои сахту сангини меваи муруд, нок Pirus comunis. ҳамроҳакҳои таркиби ҳучайра (моддаҳои захиравӣ ва экскреторӣ). Шушачаҳои содда ва мураккаби пӯсти пиёз, барги бегония, ханҷарӣ (кактус), баргҳои авлоди шалха Rumex sp.div, картошка Sjlanum tuberosum L. Сохтори доначаҳои мураккаби алейронии тухми кандукдона- Ricinus comunis. Муайян кардани равған бо моддаи Судан. Бофтаҳои офарандаи ибтидоӣ. Махрути нугмӯҳчаи элодеяи канадагӣ-Elodea Canadensis ва ғандум. Triticum sp.div. Бофтаҳои пӯшонандаи аввалини барги савсан Iris sp. div. ва ҷуворимака Zea mays, гавдумбол-Verbascum sp. div. Сохтори массомаҳо. Сохтори ғунҷоишҳои тарашшӯҳии лизогеннии ситрусӣ, Tarahacum sp. div. ва схизогенӣ. Бофтаҳо, таснифот, марҳилаҳои митоз (кариокинез). Бофтаҳои пояҳои алафин (бофтаҳои пӯшонанда, асосӣ ва такягоҳ-механикӣ). Бофтаҳои гузаронандаи мухталиф (болоҳ бароранда ва поён фароранда). Шаклҳои дастаҳои рагу тор ва мавқеъи ҷойгиршавии онҳо дар поя ва поярешаи рустаниҳои алафӣ. Бофтаҳо ва мавқеъи ҷойгиршавии онҳо дар пояҳои рустаниҳои дарахтӣ. Сохтори анатомӣ ва вазифаҳои физиологии барг. Бофтаҳо ва мавқеъи ҷойгиршавии онҳо дар решаҳои сохтори якум ва дуюм. Бофтаҳо ва мавқеъи ҷойгиршавии онҳо дар узвҳои рустаниҳои алафӣ ва дарахтӣ.		
БФТ 07	**Фармакогнозия** Мафҳум дар бораи фармакогнозия ҳамчун илм ва фанни таълимӣ. Мафҳумҳои асосии ин фан: рустаниҳои шифоӣ-РШ, ашёи рустаниҳои шифоӣ-АРШ, маводи шифоии рустанигӣ-МШР, ашёи шифоии манбаи ҳайвонот-АШМ, моддаҳои фаъоли биологӣ-МФБ. Номҳои намудҳои рустаниҳои шифоӣ (бо забонои лотинӣ, тоҷикӣ, русӣ) ва ашёи рустаниҳои шифоӣ, ҳамчун мавзӯъи омӯзиш. Вазифаҳои фармакогнозия дар марҳилаи замони ҳозираи тараққиёти ин фан. Алоқаи доимии фармакогнозия дар фаъолияти амалии провизор. Масъалаҳои одоби фармасевтӣ. Таърихи мухтасари тараққиёти фармакогнозия. Марҳилаҳои асосии таърихи истифода ва омӯзиши рустаниҳои шифоӣ дар тибби дунёвӣ. Таъсири ориёӣ (Авесто), ҳинду, форсии тоҷикӣ (Ависенна ва диг.) чину,	**11**	**264**

	арабу, аврупо (Гален, Гиппократ, Диоскорид ва диг.) ва дигар силсилаҳо дар тараққиёти фармакогнозия. Истифодаи рустаниҳои шифоӣ дар гомеопатия (шабеҳ бо шабеҳ). Осорои хаттии ниёгон оид ба истифодаи рустаниҳои шифоӣ дар машриқзамин умуман Осиёи Миёнаву Тоҷикистон, махсусан. Марҳилаҳои асосии инкишоф ва тараққиёти фармакогнозия то эраи нав, асрҳои I-XIV эраи нав ва асрҳои дигар то нимаи асри XIX. Марҳилаи нас аз револютсия то истеклолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва солҳои пасинии он. Масалан, тадқиқотҳои олимони Инглису Россия дар мисоли Усолич, О.А. ва Б.А. Федченко, В.Л. Комаров, Н.И. Вавилов, М.Г.Попов. Захироои ашёи таббии рустаниҳои шифоӣ. Ташкил кардани захираҳои ашёи ватанӣ. Ҳолати ҳозирзамони ҷамъоварии рустаниҳои шифоии ҳудрӯи табиатӣ ва дастпарвари зироатӣ. Воридот ва содироти ашёи рустаниҳои шифоӣ. Муассисаои омодакунӣ вазифаҳои онҳо. Истифодаи самаранокӣ захирахои табии захираҳои рустаниҳои шифоӣ ва ҳифзи (ошкор кадани буттазорҳо, ҳисоб кардани захираҳо, ба хорича ворид гардонидани онҳо, аз нав ба вучуд овардан ва беҳ гардонидани ҳолати рустаниҳои шифоӣ табиатан ҳудрӯй ва дигарҳо). Асосҳои силсилаи ҷамъоварии ашёи рустаниҳои шифоӣ. Усулҳои самараноки ҷамъоварии ашёи рустаниҳои шифоӣ. Коргарди якумин ҳушконидан, чо ба чо кардан, нишонагузарӣ, нигоҳдорӣ, наклиёт кардани ашёи рустаниҳои шифоӣ. Интихоби намуна барои таҳлили ашё таносуби ҳуччатҳои меъёри техникии ҷорӣ. Усулҳои истифодаи ашё барои ба даст овардану истеҳсол кардани маводи табобатӣ. Таркиби кимиёви рустаниҳои шифоӣ. Моддаҳои таъсиркунанда. Маъфумҳои асосӣ дар бораи силсилаҳои биологии дар вуҷуди рустаниҳо. Мубодилашавандаҳои (метоболитҳо) якумин дуюмин. Пайдоиши биологии (биогенез) терпеноидҳо, строидҳо, пайвастагиҳои фенолӣ, алкалоидҳо. Тағйир ёфтани таркиби кимёвии рустаниҳои шифоӣ дар силсилаи онтогенез, дар зери таъсири унсурҳои мухити аъроф (омили географӣ, шароитҳои иқлим, таркиби хок ва боз дигарҳо). Силсилаи мураттабгардодонии рустаниҳои шифоӣ ва ашёи рустаниҳои шифоӣ: кимёвӣ, тарфологӣ, ботаникӣ, фармакологӣ. Ягонагардонии (стандартгардонии) ашёи рустаниҳои шифоӣ. Низоми коркард, мувофиқгардонӣ ва тасдиқ гардонии ҲМ барои моддаҳои фармакогении муваккатӣ (МФМ) ва дигарҳо. Сохтори моддаи фармакопеӣ ба ашёи рустаниҳои шифоӣ. Талаботҳое, ки нисбат ба сифати ашёи рустаниҳои шифоӣ пешниҳод мешаванд. Аҳамияти ҲМ дар баланд бардоштани сифати ашёи рустаниҳои шифоӣ. Ҷараёнҳои асосии тадқиқотҳои илмӣ дар омӯзиши рустаниҳои шифоӣ. Усулҳои дарёфт ва ошкор кардани намудҳои нави рустаниҳои шифоӣ. Омӯзиш ва ифодаи таҷрибаи тиббӣ марду. Тадқиқоти кимиёвии шумораи барзиёди рустаниҳо, скрининги кимиёвӣ ва акидаҳои филогенетикӣ дар бозёфту ошкор кардани рустаниҳои нави шифоӣ. Ҷараёнҳои асосии тадқиқотҳои илмие, ки оид ба омӯзиши рустаниҳои шифоӣ гузаронида		

	мешаванд. Омӯзиши захираҳои рустаниҳои шифой. Усулҳои таҳлили моддаҳои фаъоли биологии ашёи рустаниҳои шифой. Омӯзиши таркиби кимиёвии рустаниҳои шифой ва дар заминаи онҳо омода кардани маводҳои доругии нав. Экологияи геокимиёвии рустаниҳои шифой. Ягонагардонии (стандарткунонии) ашёи рустаниҳои шифой. Кор карди ҲМ ва омода кардани тавсиянома оид ба чамъоварӣ, хушконидан, нигоҳдории ашё ва ғайра. Мавқеъ ва аҳамияти олимони ватаниву хориҷӣ ва муассисаҳои илмии тадқиқотӣ дар ҳалу ичрои ин масъалаҳо.		
БФТ 08	**Биотехнология** Раванди колонасозӣ. Ҷудо кардан ва таҳлили кислотаҳои рибо- ва дезоксирибонуклеинӣ. Пайдарҳамии КДН. Гел-электрофорез ва хроматографияи макромолекулаҳо. Реаксияҳои занҷирии полимеразӣ (РЗП). Сохт ва вазифаҳои макромолекулаҳои ҳуҷайравӣ. Экспрессияи сафедаҳои рекомбинантӣ. Таъсири байни ҳамдигарии сафеда-сафеда ва сафеда-КДН. Истеҳсоли аминокислотаҳо бо усулҳои биотехнологӣ. Ҳосил кардани пенитсиллин ва кислотаи 6-АП аз пенициллиназа. Муайян кардани ҳассосияти антибиотикҳо. Умумигардонии шароити таъсироти ферментҳо. Маводҳои дорувории ферментӣ. Истеҳсол ва таҳлили сифат. Энзимологияи муҳандисӣ. Биореакторҳо. Усулҳои иммобилизатсияи ферментҳо ва ҳуҷайраҳои бутун. Истеҳсол ва таҳлили сифати панкреатин. Пробиотикҳо ва эубиотикҳо. Истеҳсоли биотехнологии маводҳои манбаашон растанигӣ.	**6**	**144**
IV.	**Фанҳои ихтиёрӣ**	**44**	**1056**
БФТ 01	**Кимиёи захршиносӣ** Тартиб додани санади экспертизаи кимиёвӣ токсикологӣ, ҷобаҷогузории дафтари корӣ. Реактив ва реагентҳое, ки дар кимиёи токсикологӣ истифода мешаванд. Моҳияти назарияи тариқаи ҷудокунӣ тавассути буғҳои оби муқаттар. Кислотаи сионид ва намакҳои он, таъомулҳои ошкосозӣ. Омӯзиши таъомулҳои хоси ошкорсозии галогенҳосилаҳои захрнок: хлороформ, хлоралгидрат, чорхлориди карбон ва дихлорэтан. Омӯзиши реаксияҳои хоси ошкорсозии спирти метил, этил, изоамил. Алдегидҳо формалдегид, формалин. Омӯзиши реаксияҳои ошкорсозии кислотаҳои карбон-кислотаи сирко. Фенолҳои якатома-кислотаи карбол. Гурӯҳи моддаҳое, ки тавассути спирти туршонидашуда ё оби туршонидашуда ҷудо карда мешаванд. Усулҳои ҷудокунӣ. Нақшаи таҳлили кимиёвӣ-токсикологӣ барои гурӯҳи моддаҳое, ки бо спирти туршонидашуда, ҷудо карда мешаванд. Ташхиси моддаҳое, ки тавассути хлороформ аз маҳлулҳои турш экстраксия мешаванд. Реаксияҳои ошкорсозии барбитуратҳо, кислотаи салисилат, кофеин, теобромин ва теофилин. Ташхиси моддаҳое, ки аз маҳлули турш тавассути хлороформ экстраксия мешаванд. Алколлоидҳо, реаксияҳои ошкорсозии алколоидҳо, ҳосилаҳои пиримидин, пиперидин ва тропан. Алкалоидҳои ҳосилаҳои изохинолин, морфин ва кодеин. Реаксияи	**9**	**216**

	ошкорсозии онҳо дар қисмҳои ҷасад. Пестисидҳо, пайвастҳои органикии фосфор-карбофос, хлорофос, дихлорофос. Ҳосилаҳои кислотаи карбамин. Минерализатсияи материали биологӣ тавассути омехтаи кислотаи сулфат ва нитрат. Минерализатсияи материали биологӣ тавассути омехтаи кислотаҳои сулфат, нитрат ва хлор. Денитратсия. Ошкорсозии кӯргошим ва барий. Пайвастҳои манган, хром, нукра ва мис. Ошкорсозӣ. Тариқаи касприи ҷудокунӣ ва муайянкунии симоб. Ҷудо намудани моддаҳо аз материали биологӣ тавассути диализ. Ҷудо намудани кислотаҳои H2SO4, HNO3, HCl. Таомулҳои хоси онҳо. Ҷудокунии ишкорҳо. Ҷудокунии намакҳои турш, асосӣ ва нитритҳо. Моддаҳои захрноки газмонанд, оксиди карбон (II), гидроген сулфид. Галогенҳо-хлор, бром ва йод. Сулфид. Токискокинетика ва метаболизми захрҳои органикӣ. Хусусиятҳои хоси ташхиси кимиёвӣ-таъчилии захролудшавии шадид. Ташхиси таъчилии озмоишгоҳӣ ва расонидани ёрии аввалия ҳангоми захролудшавӣ тавассути галогенҳосилаҳои халкунанда. Ташхиси таъчилии озмоишгоҳӣ ва расонидани ёрии аввалия ҳангоми захролудшавӣ тавассути спиртҳо, алдегидҳо ва кетонҳо. Ташхиси таъчилии озмоишгоҳӣ ва расонидани ёрии аввалия ҳангоми захролудшавӣ тавассути фенолҳо ва кислотаҳои ароматӣ. Ташхиси таъчилии озмоишгоҳӣ ва расонидани ёрии аввалия ҳангоми захролудшавӣ тавассути кислотаҳо, ишқорҳо ва моддаҳои хуранда. Ташхиси таъчилии озмоишгоҳӣ ва расонидани ёрии аввалия ҳангоми захролудшавӣ тавассути барбитуратҳо. Ташхиси таъчилии озмоишгоҳӣ ва расонидани ёрии аввалия ҳангоми захролудшавӣ тавассути маводҳои седативӣ ва психотропӣ. Ташхиси таъчилии озмоишгоҳӣ ва расонидани ёрии аввалия ҳангоми захролудшавӣ тавассути маводҳои зидди илтиҳобии гайристероидӣ.		
БФТ 02	**Молшиносии тиббӣ ва фарматсевтӣ** Фанни молшиносӣ дар соҳаи дорусозӣ ва вазифаҳои он. Фахмиш оиди санъати тайёркунии маводҳои резинӣ. Ташкили нигоҳдории онҳо. Маводҳои бандинагӣ ва бандинагии тайер. Кор бо ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ. Тачҳизот барои дорухона. Маводҳои механизатсионие, ки дар соҳаи дорузозӣ истифода бурда мешаванд. Мебел барои дорухона. Аппаратураи оксигению нафаскашӣ. Гачи тиббӣ. Предметҳои санитарию гигиенӣ аз резина. Предметҳо барои нигоҳубини бемор. Зарфҳо, маводҳои багочкунӣ ва маҳкамкунӣ. Маводҳои доругӣ. Қоидаҳои захиракунӣ ва нигоҳдорӣ. Дорухои тайер ва рустанихои шифобахш. Обҳои минералӣ. Маводҳои шустушӯй, атриёт ва ғайра. Маводҳои санитарӣ ва гигиенӣ. Реактивҳои кимиевӣ. Маводҳои дезинфексионӣ ва дезинсексионӣ. Амалиётҳои молшиносӣ дар дорухонаҳо. Кор бо нархномаҳо. Равияҳои асосии тараккии илм дар соҳаи фарматсия.	**8**	**192**
БФТ 03	**Захирашиносӣ** Мавқеъ ва аҳамияти захирашиносӣ дар силсилаи истифодаи самараноки захираҳои ашёи рустаниҳои шифой. Мафҳумҳои	**3**	**72**

	асосии геоботаникӣ ва захирашиносӣ ва истифодаи онҳо дар захирашиносӣ. Усули ягонагии муайян кардани захираҳои рустаниҳои шифоӣ. Баҳогузории бузургии захираҳои ашёи рустаниҳои шифоӣ дар мисоли буттазорҳои мушаххас ва усули қитъаҳои намунавӣ. Истифодаи самараноки рустаниҳои шифоӣ ва ҳифз кардани онҳо. Таъсири омилҳои экологӣ ба сифати ашёи рустаниҳои шифоӣ. Усулҳои самараноки ҷамъоварии ашёи гурӯҳҳои морфологии рустаниҳои шифоӣ. Ягонагардонии ашёи рустаниҳои шифоӣ. Реестри Давлатии маводҳои табобатие, ки барои истифода дар тиб расмӣ шудаанд. Коркарди ашёи рустаниҳои шифоӣ. Ягонагардонии (стандарткунонии) маводҳои табобатие, ки заминаи рустанигӣ доранд. Талаботҳои Давлатӣ нисбат ба сифати ашёи соидашуда, буридашуда, фишурдашуда ва брикет кардашуда. Талаботхое, ки оид ба сохтани маводи нави дорухо пешниҳод карда мешавад. Силсилаи тадқиқотҳои то клиникӣ ва клиникаи маводҳои доругие, ки пайдоиши рустанигӣ доранд. Ҳолатҳои замонавӣ ва пешояндҳо истифода кардан аз ашёи рустаниҳои шифоӣ ва маводҳое, ки заминаи рустанигӣ доранд.		
БФТ 04	**Биофарматсия** Таъсири ҳолатаи физикавии воситаҳои доруворӣ ба суръати озодшавии онҳо аз шаклҳои доругӣ. Таъсири табиати моддаҳои ёридиҳанда ба раванди озодшавии моддаҳои доругӣ аз шаклҳои доругӣ. Таъсири шаклҳои доругӣ ба раванди озодшавии моддаҳои доругӣ аз шаклҳои доругӣ. Таъсири шаклҳои доругӣ ба раванди озодшавии моддаҳои доругӣ аз шаклҳои доругӣ (давоми мавзӯъ). Таъсири асосҳои суппозитория ба дастрасии биологии моддаҳои доругӣ аз суппозитория. Таъсири асосҳои малҳамҳо ба дастрасии биологии моддаҳои доругӣ аз малҳамҳо. Таъсири моддаҳои ёрирасон (намудҳои ҳалкунандаҳо) ба иштироки дурударози дорухо дар бофтаҳои чашм. Таъсири роҳҳои воридкунӣ ва модификатсия соддаи химиявӣ ба раванди ҷаббиши онҳо. Таъсири факторҳои технологӣ ба суръати ҳалшавии курсҳо ва устуворнокии маҳлулҳои инексионӣ. Таъсири хосиятҳои физико-химиявӣ ва факторҳои технологӣ ба дастрасии биологии моддаҳои доругӣ аз шаклҳои доругии сахт. Омӯзиши биофармасевтии шаклҳои доругии моеъ. Нақши биофарматсия ба таҳияи маводҳои доруворие нав ва такмилдиҳии дорухои мавҷудбуда (семинар).	**4**	**96**
БФТ 05	**Стандартикунонӣ** Омӯзиши нишондиҳандаҳои валидатсионӣ. Муайян кардани коэффитсиенти корреляцсия. Омӯзиши тарзи кори ХМФБ. Муайян кардани меъёр ва усули ташхиси курси “Ситрамон-П”. Муайян кардани меъёр ва усулҳои ташхиси малҳами Левомекол ва линименти Синафлан. Муайян кардани меъёр ва усулҳои ташхиси маҳлулҳои 10% Албумин ва Мелдония. Муайян кардани меъёр ва усули ташхиси суппозитории Новокаин. Муайян кардани меъёр ва усули ташхиси шарбат аз решаи Ширинбия.	**3**	**72**
БФТ 06	**Ташкил ва иқтисоди фарматсевтӣ**	**17**	**408**

	Назарияҳои асосии хизматрасонии тиббӣ ва дорусозӣ. Вазифа ва мақсади ташкил ва иқтисодиёти фарматсия. Усулҳои умумии ташкили кори дорухонаи худмаблағгузор. Ташкили кори шуъбаи захиравӣ. Шуъбаи истеҳсоли дорувор: Ташкили кор оиди қабули дархостҳо. Тайёр кардани дорухо оиди дархостҳо. Шуъбаи истеҳсоли дорувор. Ташкили кор оиди қабули дархостҳо. Тайёр кардани дорухо мувофики дархостҳо. Таҳлили сифатию миқдории дорухо. Озмоишгоҳи таҳлилию аналитикӣ. Таҳлили сифатию миқдории дорухо. Озмоишгоҳи таҳлилию аналитикӣ. Ороиши дорухои тайёршуда дар дорухона ва таҳлили онҳо. Ташкили кори шуъбаҳои дорухои тайёр ва бедархост. Шабакаҳои доруфурӯшии чакана. Дорухонаҳои махсусгардонидашуда. Ташкили кори шуъбахои дорухои тайёр ва бедархост. Шабакаҳои доруфурӯшии чакана. Дорухонаҳои махсусгардонидашуда. Ташкили кори МИН. Ташкили кори дорухонаи МТП ва дорухонаи байни касалхонаҳо. Истеҳсоли дорухо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Усулҳои асосии муайян намудани талабот оиди доруворӣ. Татбиқи тарзҳои нави хизматрасонии доруворӣ ба аҳолӣ. Татбиқи дастовардҳои илмӣ дар соҳаи дорусозӣ. Самтҳои асосии рушти илм дар соҳаи дорусозӣ. Усулҳои умумии роҳбарии соҳаи тандурустӣ. Ҷойгиркунонии ва рушди дорухонаҳо. Усулҳои умумии ташкили кор дар дорухонаҳои худмаблағгузор. Ташкили кори шуъбаи захиравӣ. Ташкили кори шуъбаи истеҳсоли доруворӣ оиди қабули дархостҳо. Нархгузорӣ ба маводҳои дархостӣ. Ташкили кори шуъбаи истеҳсоли доруворӣ оиди тайёр намудани дорухо. Ташкили таҳлили дохилии сифати дорухои дар дорухона тайёр кардашуда. Ташкили кори шуъбаи истеҳсоли доруворӣ оиди ороишу ҷавоб додани дорухои тайёршуда. «Дорухонаи худмаблағгузор». Ташкили кори МИН. Ташкили кори дорухонаи МТП. Ташкили кори дорухонаҳои байни касалхонаҳо. Усулхои асосии омӯзиши талабот оиди доруворӣ. Тарзҳои маълум кардани талабот оиди доруворӣ. Озмоишгоҳи таҳлили аналитикӣ. Фаъолияти доруанборхо. Истифодаи технологияи навтарин дар соҳаи фарматсия. Эҳтисоби воридшавии доруворӣ ба дорухона. Тарзхои қабул ва ороиши хуҷҷатхо. Эҳтисоби сарфашавии доруворӣ. Гардиши мол ва намудҳои он. Эҳтисоби ресептура. Эҳтисоби гардиши рӯстанихои шифобахш, маводҳои ёрирасон. Эҳтисоби маводхо барои ёрии таъчилии тиббии аввалия ва корҳои хочагидорӣ. Эҳтисоби зарфхо, сӯзишворӣ, лавозимоти камарзиш, воситахои асосӣ ва маводҳои сохтмонӣ. Эҳтисоби меҳнат ва музди мехнат. Мукофотпулӣ ва пули иловагӣ ҷубронпулӣ, кафолатпулӣ додан ба коргарони дорухона. Эҳтисоби васоити пулӣ, муомилоти хазинагӣ ва бонкӣ. Эҳтисоби амалиётхои хисоббаробаркунӣ. Хисоббаробаркунии бенакдии байни муассисаҳо. Эҳтисоби гардиши хароҷот дар дорухона. Ҳисоботи дорухона. Эҳтисоб ва ҳисобот дар муассисахои дорухонагӣ. Инвентаризатсияи молу мавод. Инвентаризатсияи васоити пулӣ ва ҳисобҳо. Баланси		

	бухгалтерӣ ва эҳтисоби сархатҳои бухгалтерии тарзҳои коркарди таҳлили иктисодӣ. Омӯзиши таъминоти ахборотӣ, математикӣ ва техникии муасисисахои дорухонагӣ. Омӯзиши таъминоти ахборотӣ, математикӣ ва техникии муассисаҳои дорухонагӣ. Ташкили кори роҳбарияти дорухона. Ташкили корҳои дастурии мудири дорухона. Шартномабандӣ бо муассисаҳои гуногун. Ташкили корҳои дастурии мудири дорухона. Сохтани речаи корӣ. Ороиши талабномаҳо барои тачҳизот. Ҳуқуқ ва вазифахои мудир ва ҷонишин. Дастурҳои хизматии коргарони дорухона. Корхои административи мудири дорухона. Кор бо кадрҳо. Тарзҳои роҳбарии сотсиалию психологӣ дар фарматсия. Коргузорӣ дар муассисахои дорухонагӣ. Маълум кардани талабот оиди доруворӣ. Азхудкунии тарзҳои маълум кардани талабот нисбати дорухо. Маълум кардани талабот оиди доруворӣ. Омӯзиши тарзҳои маълум кардани талабот нисбати дорухо. Ороиши талабномаҳо барои дастрас кардани маводи доруворӣ. Тайёр кардани ҳуҷҷатҳо барои гузаронидани таҳлили инспектсионӣ. Шиносшавӣ бо ҳуҷҷатҳои санҷиши гузаронидашуда. Ташкил кардани корҳо оиди камбудиҳои ҷойдоштае, ки дар вақти гузаронидани санҷиш пайдо шуданд. Ташкил кардани корҳо оиди камбудиҳои ҷойдоштае, ки дар вақти гузаронидани санҷиш пайдо шуданд. Ороиши шиносномаи дорухона.		
V.	**БАХШИ КОРҲОИ ҒАЙРИАУДИТОРӢ**	**51**	**1224**
БКҒА 01	**Таҷрибаомӯзии таълимӣ** - таҷрибаомӯзии пропедевтикаи фармасевтӣ (дар курси 1-ум); - таҷримаомӯзии саҳроӣ аз фанни ботаника (дар курси 1-ум); - таҷримаомӯзи аз фанни фармакогнозия (дар курси 4-ум); - таҷримаомӯзӣ дар заминаи технологияи умумии фармасевтӣ (дар курси 4-ум).	**15**	**360**
БКҒА 02	**Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ** - таҳия ва истеъмоли маводи хоми доруӣ (дар курси 4-ум), - технологияи фарматсевтӣ (дар курси 5-ум), - назорат аз болои сифати маводи доругӣ (дар курси 5-ум), - идоракунӣ ва иқтисоди вобаста ба раёсати дорухонаҳо (дар курси 5-ум).	**30**	**720**
БКҒА03	**Аттестатсияи хатм**	**6**	**144**
ҲАМАГӢ		**350**	**8400**

7.ТАЛАБОТ БА ШАРТҲОИ ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

7.1. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ нақшаҳои кории таълим, барномаи кории фан (силлабус), нақшаҳои фардии таълими донишҷӯён, номгӯи фанҳои элективӣ (интихобӣ), модулҳо ва дигар маводи таъминкунандаи раванди таълим, тақвими академӣ, барномаи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, номгӯи ва тарзи кабули корҳои мустақилона, услуб ва технологияи таълимро мустақилона таҳия ва тасдиқ

менамояд. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки ҳамасола нақшаи кории таълимиро бо назардошти рушди илми тиб, фарматсия, техника, фарҳанг, иктисодиёт, технология ва соҳаи иҷтимоӣ тағдиди назар намояд.

7.2. Ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯ дар раванди таълим бояд бо истифодаи усулҳои интерактивии гузаронидани семинар, мастер-классҳо дар речаи муколама, моделкунонии компютерӣ ва таҳлили амалии натиҷаҳо, бахсҳои илмӣ, корҳои таҳқиқотии донишҷӯён, конференсияҳо ва корҳои берун аз аудиторӣ ба роҳ монда шавад. Дар доираи омӯзиши курсҳои таълимӣ бояд гузаронидани вохӯриҳо бо намояндагони ширкатҳои дохилӣ ва хориҷӣ, созмонҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, коршиносон ва мутахассисон пешбинӣ карда шавад.

7.3. Мавзӯъ ва мундариҷаи ҳар як фанни таълимӣ бояд тавре муайян карда шавад, ки дар баробари пурра аз худ намудани барномаи таълимии онҳо сатҳи мустақилиятнокӣ, қобилият, малакаю маҳорат ва донишҳои назариявии донишҷӯ ташаккул ёбад. Натиҷаи азхудкунии барномаи таълимии фанҳо тибқи талаботи Низомномаи низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

7.4. 25-30%и барномаи таълимиро фанҳои интихобӣ дар бар мегирад. Тартиби ташкили фанҳои интихобӣ бо қарори Шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муқаррар карда мешавад.

7.5. Ҳадди аксари ҳатмии сарбории таълимии донишҷӯ дар як ҳафта бо дарназардошти ҳамаи шаклҳои корҳои таълимии аудиторӣ ва ғайриаудиторӣ бояд аз 2 кредит (48 соат) зиёд набошад.

7.6. Ҳаҷми кредити машғулиятҳои аудитории донишҷӯ дар шакли таҳсили рӯзона дар як ҳафта 1,5 кредит (36 соат) -ро ташкил медиҳад.

7.7. Ҳаҷми умумии вақти таътил дар соли таҳсил бояд на камтар аз 7 ҳафта, аз он ҷумла дар давраи зимистон 2-ҳафтаро ташкил диҳад.

Маҷмӯи бучаи вақт

Мухлати таҳсил	6 сол
Таълими назариявӣ	171 ҳафта
Сессияи имтиҳонӣ	14 ҳафта
Таҷрибаомӯзӣ, аз он ҷумла: - таълимӣ - истеҳсолӣ	 2 ҳафта 22 ҳафта
Лексияҳои ниҳоӣ	1 ҳафта
Аттестатсияи хатм	4 ҳафта
Таътил	46 ҳафта
Ҳамагӣ:	**260 ҳафта**

7.8. Ҳуқуқ ва вазифахои донишҷӯ:

- дар нақшаи таълимии фардӣ дарҷ намудани 100% фанҳои ҳатмие, ки омӯзиши онҳо ба як соли таҳсил рост меояд;

- номнавис шудан ба омӯзиши фанҳои ҳатмӣ ва интихобӣ дар ҳаҷми 70 кредит дар як соли таҳсил.

- донишҷӯ ҳуқуқ дорад, ки дар соли таҳсил ба теъдоди фанҳое, ки ҳаҷми умумии мехнатталабии азхудкунии барномаҳои таълимии онҳо зиёда аз 70 кредитро

ташкил медиҳанд, номнавис шавад. Дар ин ҳолат бо назардошти бомуваффақият иҷро намудани нақшаи таълимии фардии худ (дар давоми даври академӣ аз ҳуд намудани 70 кредит ва дар триместр-миқдори иловагии кредитҳо) ӯ метавонад муассисаи таҳсилоти олии касбиро пеш аз муҳлати тибқи нақшаи таълимии самт (ихтисос)-и интихобкардааш муқарраргардида хатм намояд;

- дар давраи таҳсил донишҷӯ уҳдадор аст, ки тамоми фанҳои таълимиро мувофиқи нақшаи таълимии фардии тасдиқшуда аз худ намояд;

- ҳангоми ташаккули барномаи таълимии фардии худ таълимгирандагон ҳуқуқ доранд, ки мувофиқи хоҳишашон аз рӯи фанни дилхоҳ (модул) дар донишгоҳ машварат бигиранд, ки ба таҳассуси ояндаи онҳо ҳангоми БТ-и тайёрии мутахассис ёрӣ мерасонад;

- донишҷӯ дар ҳолати аз дигар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ интиқол ёфтанаш ва ҳангоми мавҷудияти ҳуҷҷатҳои дахлдор дар асоси аттестатсия фанҳои азхудкардаашро дар ҳуҷҷат аз нав сабт менамояд;

7.9. Тибқи талаботи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ гузаштани донишҷӯ аз таҷрибаомӯзиҳо, ки ба омодагии касбии ӯ равона карда шудааст, ҳатмӣ мебошад. Навъи мушаххаси таҷрибаомӯзӣ (таълимӣ, истеҳсолӣ)-ро барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ муайян мекунад. Ҳангоми ҷорӣ намудани БТ-и тайёрии мутахассисон доир ба самти мазкур (ихтисос) навъҳои зерини таҷрибаомӯзӣ пешбинӣ мешаванд:

Таҷрибаомӯзиш таълимӣ:

Таҷрибаомӯзии асосҳои таълимии фарматсевтӣ (дар курси 1-ум);

Таҷримаомӯзии сахроӣ аз фанни ботаника (дар курси 1-ум);

Таҷримаомӯзи аз фанни фармакогнозия (дар курси 4-ум);

Таҷримаомӯзӣ дар заминаи технологияи умумии фармасевтӣ (дар курси 4-ум).

Таҷрибаомӯзиш истеҳсолӣ:

Таҳия ва истеъмоли маводи хоми доруӣ (дар курси 4-ум);

Технологияи фармасевтӣ (дар курси 5-ум);

Назорат аз болои сифати маводи доругӣ (дар курси 5-ум);

Идоракунӣ ва иқтисоди вобаста ба раёсати дорухонаҳо (дар курси 5-ум).

Мақсаду вазифаҳо, барномаҳо ва тарзи ҳисоботдиҳӣ вобаста ба навъҳои таҷрибаомӯзӣ аз тарафи донишгоҳ муайян карда мешавад.

Таҷрибаомӯзии берун аз донишгоҳ дар ташкилотҳои илмӣ ва тиббие гузаронида мешавад, ки дорои мутахассисони ботаҷриба ва кормандони илмию техникӣ буда, фаъолияти асосии онҳо мавҷудияти объектҳо ва навъҳои фаъолияти касбии хатмкунандагонро доир ба самти мазкур муайян менамояд ва ё дар кафедраву клиникаи донишгоҳ гузаронида мешавад.

Аттестатсияи натиҷаи таҷрибаомӯзӣ мутобиқи талаботҳои муқарраргардидаи ҳисоботи хаттии роҳбари таҷрибаомӯзии корхона гузаронида мешавад. Пас аз анҷоми аттестатсия ба донишҷӯ баҳо гузошта мешавад.

Кори илмӣ-тадқиқотӣ қисмати ҳатмии БТ-и тайёрии мутахассисон ба ҳисоб меравад. Он мутобиқи талаботҳои стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ ба ташаккули ҳаматарафаи салоҳиятнокии умумифарҳангӣ, умумикасбӣ ва касбии таълимгирандагон равона шудааст.

Ҳангоми таҳияи барномаи кори илмӣ-тадқиқотӣ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба донишҷӯ имкониятҳои зеринро пешниҳод менамояд:

- омӯзиши адабиёти махсус ва иттилооти дигари илмӣ-техникии соҳаи дахлдор доир ба дастовардҳои илму техникаи олимони ватанӣ ва хориҷӣ;

- иштирок дар гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ё ичрои коркарди техникӣ;

- ҷамъоварӣ, коркард, таҳлил ва мураттабсозии иттилооти илмӣ-техникӣ вобаста ба мавзӯъ (супориш);

- тахияи ҳисобот (қисматҳои хисобот) вобаста ба мавзӯъ ё қисматҳои алоҳидаи он (давра, супориш);

- маърӯза дар конференсияҳо.

7.10. Татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд аз ҷониби мутахассисони фанни тадрисӣ таъмин карда шавад. Сахми омӯзгорони дорои дарача ва унвони илмии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ аз рӯи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд на камтар аз 50 фоиз бошад. Аз ҷумла, на камтар аз 10%-ро докторони илм ташкил диҳанд.

Аз миқдори умумии муаллимон 10%-и онҳое, ки дарачаи илмӣ ва (ва ё) унвони илмӣ доранд, метавонанд аз тарафи омӯзгорони доир ба тахассуси мазкур собиқаи коридошта ва ё аз тарафи онхое, ки зиёда аз 10 сол инчониб мутахассиси варзида ба ҳисоб мераванд, иваз карда шаванд.

Роҳбарии умумии тайёрии назариявӣ ва амалии мутахассисонро корманди асосии илмӣ-педагогии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҷо меорад, ки дараҷаи илмии доктор ё номзади илм ва унвони илмии профессор ва ё дотсент, инчунин на камтар аз 3 сол собиқаи корӣ муассисаи таҳсилоти олии касбӣ дошта бошад. Барои роҳбарӣ ба тайёрии назариявӣ ва илмии тахассусӣ метавонад мутахассиси баландихтисоси соҳаи мазкур ҷалб карда шавад.

7.11. Ташкили раванди таълим тибқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд бо маводи таълимӣ-методии фанҳои тадрисшаванда пурра таъмин ва дар шабакаи дохилии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҷойгир карда шавад.

7.12. Донишҷӯ бояд ба шабакаи китобхонаи электронӣ дастрасӣ дошта бошад. Фонди китобхона бо нашрияи чопӣ ва электронии адабиёти асосии таълимӣ, аз ҷумла нашрияҳои 10 соли охир ба ҳисоби на кам аз 25 нусха барои ҳар 100 нафар донишҷӯро дар бар гирад.

7.13. Шӯрои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳаҷми маблағи таҳсилро муайян мекунад.

7.14. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд дорои пояи моддӣ-техникӣ, озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ бошад. Миқдори ҷойхои нишаст дар синфхонаҳои таълимӣ ва озмоишгоҳҳо бояд ба теъдоди донишҷӯён мувофиқат намояд.

7.15. Дар он муассисаи таълимии олии касбӣ, ки хизмати ҳарбӣ ё (ва ё) хизмати ҳифзи ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст, давомнокии давраи таътили донишҷӯён мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқие муқаррар карда мешаванд, ки тартиби гузаштани хизмати ҳарбиро ба танзим меорад.

7.16. Барномаи таълимии тайёрии мутахассисони муассисаи таълимии олии касбӣ бояд семинар, машғулиятҳои лабораторӣ машғулиятҳои амалӣ аз рӯи асосҳои фанӣ фаро гирад, ки ба ташаккули маҳорат ва малакаҳои тиббии донишҷӯён мусоидат менамояд:

- семинарҳо (бо назардошти салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад) оид ба фалсафа, биоэтика, ҳуқуқ, таърихи халқи тоҷик, таърихи тиб, иқтисодиёти

назариявӣ, сотсиология, сиёсатшиносӣ, фарҳангшиносӣ, географияи Тоҷикистон бо асосҳои демография;

- машғулиятҳои лабораторӣ (бо назардошти салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад) аз фанни физика, кимиё, кимиёи биологӣ, кимиёи аналитикӣ, кимиёи захршиносӣ, кимиёи органикӣ ва ғайриорганикӣ;

- машғулиятҳои амалӣ (бо назардошти салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад) аз фанни биология, анатомияи одам, физиологияи нормалӣ, фармакология, фармакотерапия, забонҳои хориҷӣ ва лотинӣ, беҳдошт, тарбияи ҷисмонӣ, тибби ҳарбӣ;

- машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои тахассусӣ - (бо назардошти салоҳиятнокӣ муайян карда мешавад) кимиёи фарматсевтӣ ва кимиёи захршиносӣ, кимиёи физколлоидӣ, анатомияи растаниҳо бо асосҳои физиология, фармакнозия, ташкилу иқтисодиёти фарматсевтӣ, технологияи дорусозӣ, молшиносии тиббӣ ва фарматсевтӣ, захирашиносӣ, биофарматсия, стандартикунонӣ, биотехнология.

7.17. Барномаи таълимии тайёрии мутахассис бояд бо ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методии ҳамаи курҳои таълимӣ, фанҳо (модулҳо)-и БТ таъмин карда шаванд. Муҳтавои ҳар яке аз ин фанҳо бояд дар сомонаи донишгоҳ ва ё дар шабакаҳои дигари муассисаҳои таълимӣ ҷой дода шаванд.

7.18. Муассисаи таҳсилоти олии касбии, ки барномаи таълимии тайёрии мутахассисонро амалӣ менамояд, бояд пойгоҳи моддӣ-техникии барои гузаронидани тамоми навъҳои кори лабораторӣ, тайёр кардани фаннӣ, байнифаннӣ, амалӣ ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мусоидро дошта бошад, ки онҳо мутобиқи нақшаи таълимии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва қоидаву меъёрҳои амалкунандаи санитарӣ ва зиддисухтор пешбинӣ шудаанд.

Номгӯйи таъминоти моддӣ-техникии барои амалисозии БТ-и тайёрии мутахассисон зарурӣ:

- озмоишгоҳҳои математикӣ, технологияи информатсионӣ, физикӣ, биологӣ, кимиёи биологӣ, анатомияи одам, фармакология, физиология ва кимиёи аналитикӣ, фарматсевтӣ, захршиносӣ;

- толори анатомӣ, осорхонаи анатомӣ, ҷойи нигоҳдории ҷасадҳо;

- ҳуҷраҳо ва аудиторияҳои махсус муҷаҳҳаз барои омӯзиши фанҳои гуманитарӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ;

7.19. Ҳангоми истифодаи нашрияҳои электронӣ муассисаи таълимии олии касбӣ бояд бо назардошти 100 нафар донишҷӯи шуъбаи рӯзона 7 адад компютери ба шабакаи интернет пайваст дошта бошад. Муассисаи таълимии олии касбӣ дар ҳолати истифодаи нашрияҳои электронӣ вазифадор аст, ки ҳангоми омодагӣ ба корҳои мустақилона дар синфхонаи компютерӣ вобаста ба ҳаҷми фанҳои омӯхташаванда ҷойҳои нишасти бо шабакаи интернет пайваст дошта бошад.

8. МОНИТОРИНГИ СИФАТИ АЗХУДКУНИИ БАРНОМАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

8.1. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ вазифадор аст, ки кафолати сифати таълимро тибқи амалҳои зерин таъмин намояд:

- роҳандозии таъмини сифати омодагии хатмкунандагон бо ҷалби кордиҳанда;

- мониторинги даврии тадбики барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ;

- арзёбии сатҳи дониши донишҷӯён ва ташаккули салоҳияти касбии хатмкунандагон;

- худбаҳодиҳӣ бо мақсади арзёбии фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва қиёси натиҷаҳо бо дигар муассисаҳои таълимӣ бо ҷалби кордиҳанда.

8.2. Мониторинги сифати азхудкунии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ бояд назорати давомот, дарачаи азхудкунии талаботи барномаи таълимии фанҳо, қабули имтиҳонҳои фосилавӣ, ниҳоӣ ва аттестатсияи хатмро дар бар гирад.

8.3. Баҳодиҳии сифати БТ-и тайёрии мутахассисон бояд назорати ҷории давомот, аттестатсияи байнифосилавии донишҷӯён ва аттестатсияи давлатиии ҷамъбастии хатмкунандагонро дар бар гирад.

8.4. Шаклҳои мушаххас ва воситаҳои назорати дониши ҷорӣ ва байнифосилавиро доир ба ҳар як фан муассисаи таълимии олии касбӣ мустақилона таҳия менамояд ва дар моҳи аввали таҳсил ба маълумоти ҳар як донишҷӯ мерасонад.

8.5. Барои аттестатсияи донишҷӯён мувофиқи дастовардҳои фардии онҳо доир ба талаботҳои даврагии барномаи таълимии таҳсилоти олии касбии тайёрии мутахассисон (назорати давомот ва аттестатсияи байнифосилавӣ) фонди воситаи баҳодиҳӣ ташкил карда мешавад, ки супоришҳои намунавӣ, корҳои санҷишӣ, тестҳо ва усулҳои назоратро дар бар мегирад,ки онҳо барои баҳодиҳии донишу маҳорат ва дарачаи салоҳиятнокии таълимгирандагон имкон медиҳад. Фонди воситаҳои баҳодиҳӣ аз тарафи муассисаи таълимии олии касбӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд барои мутобиқсозии барномаи назорати ҷорӣ ва аттестатсияи байнифосилавии донишҷӯён бо назардошти фаъолияти ояндаи касбии онҳо шароит фароҳам оварад, ки дар ин самт гайр аз муаллимони фанҳои ҷудогона метавонанд ба сифати коршиносони беруна корфармоён, муаллимон, муаллимони фанҳои омехта ҷалб карда шаванд.

8.6. Ба донишҷӯён бояд имкон дода шавад, ки онҳо муҳтаво, тарзи ташкил ва сифати ҷараёни таълимро дар маҷмӯъ, инчунин фаъолияти муаллимони ҷудогонаро баҳогузорӣ намоянд.

8.7. Аттестатсияи хатм оид ба самти тайёрии (ихтисоси) 1-79 01 08 «Фарматсевтӣ» гузаронидани имтиҳони давлатиро ё ҳимояи кори дипломиро дар бар мегирад. Аттестатсияи хатм аз се давраи имтиҳонӣ (малакаҳои амалӣ, тестӣ ва шифоҳӣ) иборат аст.

8.8. Аттестатсияи хатм аз тарафи комиссияи аттестатсионӣ гузаронида мешавад. Барои баргузор намудани аттестатсияи хатм аз ихтисосҳои алоҳида вобаста ба шумораи хатмкунандагон як ва ё якчанд комиссияи аттестатсионӣ ташкил карда мешавад. Аттестатсияи хатм аз фанҳое, ки дар нақшаи таълимии намунавии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда муайян шудаанд, гузаронида мешавад. Саволномаҳои имтиҳони давлатӣ дар доираи барномаи таълимӣ аз тарафи кафедра тартиб дода шуда, Шӯрои илмӣ-методӣ онҳоро тасдиқ мекунад. Ҷадвали баргузории комиссияи аттестатсионӣ ду ҳафта қабл аз оғози аттестатсияи хатм бо пешниҳоди декани факултет аз тарафи ректори муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо фармоиш тасдиқ карда мешавад. Барномаи имтиҳони давлатӣ ва воситаҳои баҳодиҳӣ аз тарафи донишгоҳ мустақилона таҳия карда мешавад.

8.9. Ба аттестатсияи хатм донишҷӯёне роҳ дода мешаванд, ки талаботи нақша ва барномаҳои таълимиро пурра иҷро намудаанд. Рӯйхати чунин хатмкунандагон аз тарафи декани факултет омода шуда, ду ҳафта пеш аз оғози аттестатсияи хатм бо фармоиши ректор (директор)-и муассисаи таҳсилоти олии касбӣ тасдиқ карда мешавад.

8.10. Муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бояд ба донишҷӯён имкони арзёбии ташкили раванди таълим ва сифати таҳсилот, ҳамчунин баҳодиҳӣ ба фаъолияти омӯзгоронро фароҳам орад.

Гурӯҳи корӣ

Одиназода Бозорали – муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (роҳбари гурӯҳ);

Ёрмуҳаммадзода Шермуҳаммад – директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (муовини роҳбари гурӯҳ);

Ҳайдаров Фахриддин – сардори раёсати таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Зиёев Хуршед – сардори раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Раҳматуллоев Фарҳод – мудири шуъбаи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Қачкулоева Тоҷиниссо-сармутахассиси шуъбаи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Ҳабибов Насрулло-мутахассиси пешбари шуъбаи таҳсилоти олӣ ва баъдидипломии Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзо;

Солиҳов Дилшод-муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, аъзо.